ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.1
ТКБ: 67.410.92
Қ 53

ҚАҲОРЗОДА НАСИМҶОН МАЗБУТ

ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ: МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАНЗИМИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИЯИ ТАТБИҚИ ОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст.

Мушовири илмӣ: **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: **Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

Шодиев Ғулом Махамматович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори калони Маркази ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ-инноватсионӣ ва омода намудани кадрҳои илмии Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Файзиев Шохруд Фармонович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Ҳимояи диссертатсия санаи «06» июни соли 2026, соати $10^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Суроғa: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Email: qobil9498@mail.ru. Тел: 988949405.

Автореферат «___» _____ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Мирзозода Қ.Х.**

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот.Таъмини осоиштагии ҳаёти мардуми кишвар ва адолати иҷтимоӣ, ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути танзими боэътимоди ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми давлатдории муосир яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҳамзамон, сиёсати ҳуқуқӣ дар мамлакат дар ҷодаи мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳадафи роҳандозӣ намудани принсипҳои конституцсионии таъмини ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳимоя аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодӣ ва таъқиби беасос дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад [3].

Дар Тоҷикистон, ки ба марҳалаи сифатан нави рушду инкишоф ворид шуда, роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст, баҳри таҳвияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд санаду барномаҳои давлатии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ шудаанд, ки устувории асосҳои ҳуқуқии адолати судии кишварро таҳким мебахшанд [4].

Дастовардҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва тағйиротҳои куллие, ки баҳри амалишавии адолати судӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон татбиқ шуда истодаанд [5], ҳадафҳои минбаъдаи рушди низоми ҳуқуқиро муайян карда, дурнамои инкишофи асосҳои адолати судӣ ва нақши онро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон назаррас карданд.

Новобаста аз дигаргунӣ ва дастовардҳо дар назарияи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва амалияи судии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ имрӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мемонанд, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти фарогир ва такмил додани сатҳу сифати таъмини адолати судиро тақозо дорад. Ҳамзамон, риоя ва иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ, танзими боэътимоди ҳуқуқии муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳаллу фасли асоснок, қонунӣ ва одилонаи масъалаҳои марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо ва ба таври мубоҳисавӣ ба таҷдиди назар ниёз дорад.

Ин масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти олии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Ба андешаҳои дурбинонаи сарвари давлат “бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ,

зарурати таҳкими кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, мақомоти ҳокимияти судиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд” [6; 8].

Натиҷаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, ки марҳалаи асосии он бо қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта, ва дар асоси он Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва аз соли 2010 мавриди амал қарор дода шуд, муайян кард, ки муаммоҳое, ки мушкилоти риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро дар амалияи тафтишотию судӣ ба миён меоранд, то ҳол вуҷуд доранд ва минбаъд онҳо бояд бо андешида шудани маҷмуи чораҳои асосноки ҳуқуқию мурофиавӣ бартараф ва ҳал карда шаванд.

Агар дар давраи солҳои 2009-2019 судҳои Тоҷикистон 121 шаҳрвандро сафед карда бошанд, дар солҳои 2019-2023 оид ба 28 парвандаи бо айбдорӣ ба баррасии судӣ ирсол шуда, суд ҳукми сафедкунанда баровардаст, 24 нафар судшавандагон пурра, 4 нафар қисман сафед карда шудаанд. Дар давраи аз соли 2009 то соли 2019 судҳо қариб 95 ҳазор парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ кардаанд. Аз ин шумора 610 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 891 нафар барои тафтишоти иловагӣ баргардонида шудааст [7]. Аз ҷониби судҳои Тоҷикистон ҳар сол на камтар аз 500 ва на бештар аз 850 парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад.

Бисёре аз парвандаҳои ҷиноятие, ки барои тафтишоти иловагӣ баргардонида шудаанд, бо сабабҳои номаълум ба баррасии суд дигар ворид нашудаанд ва натиҷаи тафтиши иловагии ин парвандаҳои ҷиноятӣ номаълум боқӣ мондааст. Беҳуда нест, ки чунин ҳолатҳо дар маркази диққати сарвари давлат қарор гирифтанд ва таъкид гардидааст, ки фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва назоратӣ оид ба ин фаъолият ба талаботи дахлдор ҷавобгӯй нестанд. Мутаасифона дар давом 10 сол (солҳои 2014-2024) як саду ҳафт нафар кормандони мақомоти судӣ, аз онҳо чилу панҷ нафар судяҳои сатҳи шаҳриву ноҳиявӣ барои содир кардани кирдорҳое, ки шарафи судяро паст мезананд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда маҳкум шуданд [9].

Аз ҷумлаи вайронкунии қонун, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиш ва баррасии судии парвандаҳо, тафтиши нопурра ва

яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, банду басти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд [8].

Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии ин масъалаҳо, ҳалли илман асосноки онҳо, таҳвияти робитаи назария бо амалия, ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалия ва муайян кардани дурнамои рушди минбаъдаи онҳо яке аз вазифаҳои илм, аз ҷумла илми мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад [9; 10].

Сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо мақомоти судӣ ва пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷорӣ нагардидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳои пазируфташуда дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷиҳати паст кардани сатҳи вайронкунии қонун, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва кормандони мақомоти судӣ, ҳамкории бесамари байнисоҳавӣ дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳқиқоти нокифояи илмӣ дар асоси воқеияти хатарҳои терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои дигар аз ҷумлаи норасоии назария ва амалия ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, дар шароити таҳаввулоти бунёдии созмонҳои иҷтимоӣ, замони рушди бесобиқаи илму техника, иттилооти рақамӣ ва дар маҷмуъ нерӯи эҷодии инсон, замони имконоти азими такомули фарҳангӣ ва ахлоқиву маънавӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа, баҳри саривақт пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири омилу падидаҳои хавфнок, такмил дода шудани қонунгузории миллӣ, асосҳои адолати судӣ, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон самтҳои афзалиятноки рушди низоми ҳуқуқии кишварро муайян мекунанд [11; 3].

Бинобар ин, дар натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи танзими ҳуқуқии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда шудааст, ки як қатор номутобиқатии меъёрҳои алоҳидаи мурофиавӣ бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ихтилофи муқаррароти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифи танзимкунандаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, ҳолатҳои нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар амалияи тафтишотию судӣ ҷой доранд, ки ба таъмини кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа монеаҳо эҷод мекунанд.

Дақиқ ва ҳадафнок ичро нашудани тартиби баргузории мурофиаи судии ҷиноятӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ҳалли нодуруст ва ғайриқонунии масъалаҳои мурофиавӣ аз ҷониби суд дар марҳалаҳои тосудӣ бе иштироки тарафҳо, сатҳи нокифояи таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни мачлиси суд, беасос маҳдуд шудани иштироки тарафҳо ва ҳатто ҳадди ваколатҳои суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, саривақт ичро нашудани санадҳои судӣ то андозае мубрамияти таҳқиқоти мавзуи мазкурро афзун мекунанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ шуруъ аз асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мухтасари зинаҳои таърихии ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ, муқоисаи онҳо бо қоидаҳои муосири ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки акнун бо арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуну муҳтавои нав гирифтанд, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар таъмини адолати судӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Дар аксарияти қисматҳои рисолаи мазкур амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки қонун муқаррар кардааст ва тартиби ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, бо назардошти танзими ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ, аз нуқтаи назари таъмини кафолатҳои конституцсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳлил карда мешавад.

Баррасии парвандаи ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад, ки танҳо бо риояи дақиқ ва ичрои якхелаи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мешаванд.

Таҳлили ҷамъбастии амалияи судӣ нишон медиҳад, ки судҳои ҷумҳурӣ сифати ба амал баровардани адолати судиро оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ беҳтар ба роҳ мондаанд, ҳукм ва қарорҳои судӣ бештар бо риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавию моддӣ бароварда шуда, ҳолатҳои вайрон кардани ин қонунҳо камтар ба назар мерасад. Вале ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки судяҳо ба вайронкунӣ ва татбиқи нодурусти қонунҳо роҳ медиҳанд, ба яктарафа ва нопурра гузаронида шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ эътибори ҷиддӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа ҳукм ва қарорҳои судӣ, бинобар шикоят ва эътироз овардани тарафҳо аз ҷониби судҳои болоӣ бекор карда мешаванд. Дар баъзе мавридҳо қабули қарорҳои судӣ бо шикоят, ариза ва дархости айбдоршаванда, судшаванда (ба сифати далелҳо) асоснок карда

шуда ё асосҳои қабул намудани қарор баён карда намешаванд [29], ифодаи мазмуну сифати тартиб додани қарорҳои судӣ низ бехбудӣ металабанд. Нисбати ташкил ва гузаронидани мурофиаҳои судӣ тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳам ба камбудиҳо роҳ дода мешавад, ки дар натиҷа ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа вайрон гардида, аҳаммияти иҷтимоӣ ва нақши тарбиявии мурофиаи судӣ коста мешавад. Ҳангоми ҳаллу фасли масъалаи баррасии парванда дар мурофиа аз ҷониби судяҳо қонеъ кардани арзу дархости тарафҳо беасос рад карда мешавад, аҳаммияти иҷтимоӣ доштану рӯзмарра будани баррасии одилонаи парвандаҳои мушаххас, моҳияти ҷинояти содиршуда, маълумот дар бораи шахсияти судшаванда ба инобат гирифта намешавад [41; 31].

Дар амалия судӣ хунукназарӣ ба сабабҳои сари вақт ҳозир нашудани иштирокчиёни мурофиа, ба пурра таҳқиқ карда шудани далелҳои пешниҳодшуда, асоснокии қарорҳои мурофиавии қаблан қабулкардаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин ба дуруст тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ диққати зарурӣ дода намешавад, ҳолатҳое, ки дар қонун дарҷ гардидаанд ва ба парванда аҳаммият доранд, мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода намешаванд. Дар баробари ин, бинобар сатҳи нокифояи донишу маҳорати касбӣ, дар баъзе мавридҳо муносибати ғаразнок ба кор боиси нодуруст истифода шудани қонунҳо ва дар ниҳояти кор қабул шудани санадҳои ғайриқонунӣ мегардад [8; 33; 29; 28; 32].

Бинобар ин, танзими ҳуқуқӣ ва ҳалли ин масъалаҳо тибқи меъёрҳои ҷорӣ, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, бартараф карда шудани муаммоҳои дар назария ва камбудиҳои дар амалияи мурофиаи судӣ ҷойдошта, таҳқиқоти комплексии илмии ин мавзуъро дар марҳалаи муосир талаб мекунад. Зеро дар таҳқиқоти илмӣ ва назарияи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаҳои марбут ба риоя ва иҷрои шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, сабабҳои хатою камбудиҳои дар амалия ҷойдошта, роҳҳои бартараф кардани онҳо ба таври умумӣ, аз назари таълимӣ, оморӣ, ҳисоботӣ ё дар муқоиса номбар мешаванд, ки нокифоя аст.

Мубрамияти таҳқиқоти комплексию илмии моҳият, мазмун, аҳаммияти мурофиавӣ ва хусусиятҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти консептуалии ин масъалаҳо дар танзими ҳуқуқӣ, фаъолияти эҷоди ҳуқуқ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ, таъмини

кафолатҳои мурофиавӣ ва амалишавии адолати судӣ муҳим ва рӯзмарра боқӣ мемонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ имконият медиҳад, ки дар амалияи судӣ шарту шароите барпо карда шавад, ки ҳангоми баргузории муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи судӣ, тарафҳо, аз ҷумла судшаванда (ҳимоятгари ӯ) ва ҷабрдида (намояндаи ӯ) чун тарафҳои дигари манфиатдори муҳокимаи судӣ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд, барои омодагӣ ба моҳиятан баррасӣ ёфтани парванда ба таври кофӣ вақт ва имконият дошта бошанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро дар тамоми марҳалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин намоянд, ки дар натиҷа ба риоя ва иҷрои принсипҳои адолати судӣ тавассути амалишавии воқеии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тақвият бахшида шавад.

Натиҷаҳои асосноки таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани мавзуъ ва самтҳои таҳқиқоти нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, коркарди дурнамои рушд ва такмили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини воқеии кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни истилоҳоти мурофиавӣ дар татбиқи ҳадафноки меъёрҳои ҷорӣ, ба сатҳи сифатан нав гузаштани амалияи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ барои баланд бардоштани самаранокии ба амалбарории адолати судӣ, аз ҷумла оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим ва ногузиранд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Асосҳои конституцсионӣ, заминаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккулёбии қоида ва шартҳои баргузории мурофиаи судӣ, аҳаммияти онҳо дар ҳалли масъалаҳои умумииҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асарҳои олимони ватанӣ С.А. Рачабов [34; 65], Б.Ғафуров [14], Н.Н.Неъматов [30], Ф.Т.Тоҳиров [44], А.Ғ.Холиқзода [45], Р.Ш.Шарофзода [37], И.Б.Буризода [13], Ф.М.Абдулхонов [50], У.А.Азиззода [12; 46], Х.М.Мирзамонзода [60], А.М.Диноршоев [17; 18; 16], Ч.М.Зоир [19], А.Э.Раҳматулоев [64], Д.С.Сафаров [40], И.Р.Шодиев [75], Р.С. Одиназода [63] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои мубрами назариявӣ ва тартиби амалишавии асосҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи ҳуқуқу манфиатҳои

иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, муаммоҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар асарҳои олимони ватанӣ - З.Ҳ.Искандаров [22; 20; 21], Р.Р.Раҳмадҷонзода [66; 76], Р.Ҳ.Раҳимзода [36], И.Т.Маҳмудов [27], А.Л.Арипов [51], А.Ҳ.Ҳасанбоев [73], П.С.Абдуллоев [48], И.А.Баҳромов [53], П.Ҳ.Алиева [52], Н.М.Самиев [69], И.А.Одинаев [62], А.Х.Ҳасанбоев [73], А.Э.Раҳматулоев [35], Н.М.Қаҳоров [23], Б.Қ.Қобилов [57], М.К.Абдуллоева [49], Б.С.Негматов [61], М.Ш.Шерализода [74], К.М.Мадвализода [58], А.И.Иноятзода [56] ва дигарон мавриди баррасӣ, таҳқиқу таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Айни замон идома додани таҳқиқоти илмӣ оид ба такмили тартиби мурофиавии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ба амалбарории адолати судӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар доираи масъалаҳои ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ риоя ва иҷрои тартиби мурофиавии ҷиноятӣ, такмили фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, зарурати васеъ кардани кафолатҳои мурофиавӣ, роҳҳои ҳалли муаммоҳои назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ дар таҳқиқоти мутахассисон ва олимони ИДМ, аз ҷумла А.Ф.Кони [25], М.С.Строгович [41; 42], В.М.Савитский [38; 39], Е.А.Лукашева [26], Н.П.Кириллова [24], З.В.Макарова [47], В.В.Рудич [67] ва дигарон баррасӣ шудаанд, ки дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсиони ақида ва хулосаҳои онҳо мавриди таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд.

Таҳқиқоти олимон, аз ҷумла М.А.Сидигалиев [71], А.О.Машоветс [59], Т.К.Рябинина [68] ва дигарон оид ба муайян кардани сабабҳои мавҷудияти муаммоҳои ташкил ва баргузории маҷлиси суд бо иштироки тарафҳо ва тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, сабабҳои риоя нашудани талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ саҳми арзанда гузошта, зарурати такмил додани фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ва ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро асоснок кардаанд, ки мубрамият ва умумияти муаммоҳои мавҷуда ва кӯшишҳои ҳалли онҳоро дар назарияи мурофиаи ҷиноятии давлатҳои дигари ИДМ инъикос мекунад.

Лекин, алоқамандии ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, раванди риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, сатҳу сифати иштирок ва фаъолнокии тарафҳо ва суд дар амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар иртибот бо рушди қонунгузории миллӣ, барномаҳои ислоҳоти

судӣ-ҳуқуқӣ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон то имрӯз мавриди таҳқиқоти комплексии илмӣ қарор нагирифтаанд.

Бо назардошти амалияи судӣ ва натиҷаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар (2007-2021), инчунин таҳқиқоти илмӣ оид ба муаммоҳои адлияи ҷиноятӣ идомаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқиро дар Тоҷикистон дар солҳои минбаъда самтҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) идомаи трансформатсия, таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

2) баҳамназдикшавии принсипҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, континенталӣ, мусулмонӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, якҷояшавӣ ва воридшавии меъёрҳои як низоми ҳуқуқӣ ба меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии дигар, ки мутобик ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои адолати судӣ мебошанд;

3) дар амалияи судӣ оид ба татбиқи ҳуқуқ ба талаботи адолати иҷтимоӣ бартарият дода, бо назардошти тавозуни манфиати шахс ва давлат, ба инобат гирифтани қадру қимати инсон, аҳволи бади ҷабрдида, имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар мурофиаи ҷиноятӣ ба самти оштидиҳӣ, ҷуброни зарари ҷабрдида, иваз шудани ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ба намудҳои дигари ҷазо, ки ба адлияи тарбиявӣ, барқароркунанда равона карда шавад;

4) Коркарди Стандарти муҳокимаи одилона ва оштидиҳии парвандаҳои ҷиноятӣ дар хусуси баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои начандон хавфнок, бори аввал ва аз беэҳтиётӣ содиршуда, ки таъқиби ҷиноятиро ба истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонии муросои тарафҳо ва мусоидату ёрӣ ба онҳо иваз мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо иштироки бевоситаи унвончӯ дар доираи коркарди чорабиниҳо ва нақшаи дурнамои мавзуъҳои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2025 ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави

Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ; таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва робитаи онҳо бо асосҳои конституцсионии адолати судӣ; таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва роҳҳои такмили амалишавии онҳо; муайян кардан ва таҳлили мушкилоти амалияи судӣ, омилҳо, сабабу шароите, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд, коркарди хулосаҳо баҳри бартараф кардани онҳо; таҳқиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва қоидаҳои баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳадафи таҳқиқотро ташкил додаанд, ки натиҷаҳои он ба муайян кардани дурнамои рушди қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии шартҳои муҳокимаи судӣ, инчунин амалияи мақомоти ҳокимияти судӣ дар таъмини кафолати конституцсионии ҳифзи судӣ равона мешаванд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсадҳои зикршуда, вазифаҳои зеринро иҷро кардан лозим аст:

– омӯзиши табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосӣ ва таркибии мурофиаи ҷиноятӣ;

– омӯзиш ва таҳлили давраҳои пайдоиш ва инкишофёбии заминаҳои бунёдии адлияи ҷиноятӣ дар Тоҷикистони муосир, раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва такмил ёфтани қоидаҳои муҳокимаи судӣ;

– таҳқиқи марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– муайян кардани манбаъҳои пайдоиш ва ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиаи судӣ ва даврабандии онҳо то замони муосир;

– омӯзиши мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани ҳамбастагии онҳо бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи мафҳум, қоида ва меъёрҳои мурофиавӣ, ки маҳаки шартҳои умумии муҳокимаи судиро ташкил додаанд;

– таҳқиқи шарти бевосита, шифоҳӣ ва ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

- муайян кардани нақши мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ;

- баррасии шарти тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд;

– таҳлили мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омӯзиши имкониятҳои мурофиавии судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ;

– муайян кардани ҳадди ваколати суд, судя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муаммоҳои амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили расмиёти муҳокимаи судӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳоти мурофиавӣ бо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ;

– муайян кардани омил, сабабу шароите, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд;

– таҳлили ҳуқуқии татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омӯзиши таҳқиқоти олимони давлатҳои хоричӣ вобаста ба шартҳои баргузории муҳокимаи судӣ, ҷустуҷӯи самтҳои истифодаи таҷрибаи онҳо дар амалияи судии Тоҷикистон;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, мусоидат ба ташаккули

маърифати ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ;

–таҳқиқи роҳу воситаҳои бартараф намудани омилу монеаҳо дар амалияи судӣ, муайян кардани самтҳои беҳтар ва самаранок татбиқ кардани қоидаҳои баргузории мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

–таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба самтҳои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати амалияи судӣ.

Объекти таҳқиқот аз маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавие иборат мебошад, ки фаъолияти суд, тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар бар гирифта, бо меъёрҳои қонугузории ватанӣ танзим мешаванд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқотро меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ, сарчашмаҳои доктриналӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ки хусусиятҳои амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷабҳаҳои фаъолияти мурофиаи суд ва сатҳи иштироки тарафҳоро танзим ва таҷассум мекунанд, инчунин омилҳое, ки ба амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Таҳқиқоти муаммоҳои назариявӣ ва амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар заминаи маводҳои амалияи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2025 ба амал бароварда шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2016 оғоз гардида, то соли 2025 идома ёфтааст. Диссертатсия дар назди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш.Хуҷанд) иҷро шуда дар давоми солҳои 2016-2025 унвонҷӯ дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот, муқаррароти назариявиро коркард кардааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро меъёрҳои Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои

ИДМ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ташкил додаанд.

Дар таҳқиқот сарчашмаҳои доктриналӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм, Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021), Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, асарҳои монографӣ ва нашрияҳои олимони ватанию хориҷӣ, мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои даврӣ оид ба масъалаҳои гуногуни муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеият ва зуҳуроти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба усулҳои диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ба монанди таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоиса, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ такя намудем. Дар шакли саҳеҳу фарогир ифода шудани ҳадаф, мазмун ва моҳияти қоидаҳои ҳуқуқӣ марбут ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тавассути усулҳои номбаршуда (аз ҷумла усулҳои илмии шаклбандӣ, абстраксия, хронологӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ) дар таҳқиқоти бисёрҷабҳаи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба муайян кардани аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар амалишавии принсипҳо, вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, ба тасдиқи асосноки пайвастагии мазмуни онҳо бо талаботи мурофиавӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ, ба натиҷагирӣ, таҳия ва пешниҳоди хулосаҳои асоснок мусоидат карданд.

Заминаҳои эмперикии таҳқиқот:

– маҷмуи парвандаҳои ҷиноятии баррасишуда дар судҳои Тоҷикистон (дар давраи солҳои 2010-2024);

– нишондиҳандаҳои омории фаъолияти мақомоти судӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2024;

– маводи парвандаҳои ҷиноятии бойгонишуда (дар давоми солҳои 2015-2024, ки аз онҳо унвонҷӯ 495 парвандаи ҷиноятиро омӯхтааст);

– маводҳои парвандаҳои ҷиноятии ба тафтиши иловагӣ баргардонида шуда (дар давоми солҳои 2015-2024, аз ҷониби унвонҷӯ 72 парвандаи ҷиноятӣ омӯхта шудааст);

– маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ, ки пешбурди судии онҳо боздошта шудааст (дар давоми солҳои 2015-2024, аз ҷониби унвонҷӯ 42 парвандаи ҷиноятӣ омӯхта шудааст);

– маводҳои баррасии судии масъалаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ (дар давоми солҳои 2015-2024);

– маводҳои суди марҳилаи кассатсионӣ ва суди марҳилаи назоратӣ (дар давоми солҳои 2015-2024);

– қарорҳои Суди Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2000-2023 (таҳлил ва ҷамъбаст кардааст);

– тавзеҳоти дастурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба мавзуи таҳқиқот аз солҳои 1992-2024 дахл доранд, таҳлил ва ҷамъбаст намудааст;

– натиҷаҳои тадбиқи Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати ичрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Расмиёти шарҳи универсиалии даврӣ (давраи дуюм) дар солҳои 2017-2020;

– натиҷаҳои пурсишномаи 120 нафар прокурор, 115 нафар судя, 50 нафар адвокат;

– таҳлили таҳқиқоти гуногуни мониторингҳо ва экспертизаҳо оид ба масоили мурофиаи судии ҷиноятӣ дар давраи солҳои 2009-2023;

– таҳлили мавзуъ ва мундариҷаи зиёда аз 150 таҳқиқоти диссертатсионӣ (дар масъалаҳои гуногун оид ба мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ) дар давраи аз соли 1956 то соли 2024 ҳимояшуда.

Маводҳои амалияи тафтишотӣ-судӣ дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, омӯзиш ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти маводҳои номбаршуда маълумоти таҷрибавии муаллифони дигар, ки ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита алоқаманд мебошанд, муқоиса карда шудаанд, ки роҳҳои сифатан нави амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таҳқурсии боэътимод гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки унвонҷӯй кори фарогири илмии тахассусиро омода кардааст, ки дар он:

– дар асоси таҳқиқот маҷмуи афкори нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифӣ дар бораи низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, алоқамандии онҳо бо асосҳои конституцсионии адолати судӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ

ҳифзи судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешаванд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаммоҳои амалӣ шудани қоидаҳои мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар раванди амалишавии Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2030) таҳлил шуда, ба ҷараёни татбиқи онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад;

– моҳият, аҳаммият ва зарурати риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин ногузирии тағйир додан, бе ихтилоф ва дақиқ муқаррар шудани қоида ва шартҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани тартиби амалишавии онҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари муаллифӣ пешбарӣ мешавад;

– роҳҳои самараноки риояи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба адолати судӣ бо хулоса ва пешниҳодҳои муаллифӣ ҷамъбаст ва асоснок карда мешаванд;

– консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи стратегии такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешбарӣ мешаванд, ки онҳо умумият ва ягонагии шартҳои муқарраршудаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таҳвият бахшида, пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд;

– ба ошкор ва бартараф шудани мухолифати ақидаҳои назариявӣ, камбудиҳои дар амалияи судӣ ҷой дошта; такмили қоидаҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, манфиати давлат, ташкилотҳо; таҳкими қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ; баланд бардоштани сифат ва самаранокии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин баҳри беҳтар намудани сатҳу сифати риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, одилона баррасӣ гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт мусоидат мекунад;

– дар диссертатсия ғояҳои доктриналӣ оид ба таснифоти низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ,

такмил додани қоидаҳои риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар марҳилаҳои судӣ коркард шудааст, ки онҳо ба ҳалли маҷмуи масъалаҳое, ки бо шаклбандӣ, банизомдарорӣ, мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ ва азнавсозии ҳам меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва ҳам амалияи судии ҳуқуқтатбиқнамоӣ алоқамандӣ доранд, асос мешаванд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти комплексӣ метавонад ба сифати асоси назариявӣ, методӣ ва роҳнамо дар корҳои минбаъдаи илмӣ, дар таҳқиқоти муаммоҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шавад. Онҳоро ҳамчун роҳнамои илмӣ дар ҳалли проблемаи васеи илми мурофиаи ҷиноятӣ, ки аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ доранд, истифода бурдан мункин аст. Татбиқ ва истифодаи онҳо ба илм ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ саҳми назаррас дорад ва аҳаммиятнок аст. Бинобар ин, таҳқиқоти илмии мавзуи мазкурро бо боварии том метавон ҳамчун нахустин таҳқиқоти мустақили бунёдии илми мурофиаи ҷиноятӣ дар ин мавзуъ арзёбӣ намуд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда:

1. Аввалин падидаҳои мурофиа дар шакли урфу одат, расму ойин, ё қоидаҳои одитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон, қонеъ кардани талабот, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз бесарусомонӣ ва худсарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя»-и расму оин ва урфу одатҳо дар низоми муносибатҳо ҷорӣ шуда, аз насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмӣ дошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои инсон оид ба ногузир барпо карда шудани муҳити ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоӣ) буда, таъиноти худро мутобиқ ба табиати аслии худ пайдо кардааст.

Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзоёни авлод ё қабила буд, сипас баробари авҷи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, зинаҳои ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиаи судӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ чунин даврабандӣ мешавад:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) қоидаҳои давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ;

3) қоидаҳои давраи рушди мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир.

Таҳли марҳилаҳои рушд собит месозад, ки қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амалкарди қоидаҳои мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштаанд. Бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолат ва шартҳои муҳокимаи судӣ мукаммал гардида, мазмуну мухтавои нав гирифтаанд. Қоидаҳои мазкур бо нуқтаҳои зерин ғани гаштаанд:

а) шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

б) ба шикоят ва арзу даъво ҳуқуқ доштани шахс;

в) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, ниёзманд, зарардида;

г) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

д) қоидаҳои баррасии дастаҷамъона ва шифоҳии арзу даъво;

е) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

ё) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ ва имконияти созиши тарафҳо;

ж) ӯҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

з) ӯҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

и) одилона таъин кардани ҷазо;

к) кӯшиши оқилона, воқеабинона муайян кардани товони зарар;

л) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

м) таъмини мустақилият ва беғаразии суд дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.

2.Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тавассути таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ибтидо то интиҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ онҳо вобаста:

а) бо амалишавӣ дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ;

б) бо мавзуи муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ;

в) бо амалишавии функсияи айбдоркунӣ;

г) бо амалишавии таъиноти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар натиҷа аҳаммият, мазмун ва умумияти ҳар як шарт муайян карда шудааст.

Баргузории ошкорои муҳокимаи судӣ (м.273 КМҶ ҶТ) мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки аҳли ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад.

3. «Муҳокимаи бевосита» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, тибқи таҳлил танҳо бо тафтиши бевоситаи далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад:

- пешбурди амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя, ки бевосита иҷро мешавад, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайраҳо (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо, бевосита санҷида баҳои ҳуқуқӣ медиҳад бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ (м.м.21, 311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва

молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22, 276-277 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро аз ҷумла қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ҳал мекунад (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (м.м. 290, 332-350 КМҶ ҶТ).

4. Мафҳуми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (на танҳо ҷамъи қоидаҳо) ифодаи ҷузъи ҷудонопазири масъулияти давлат ҷиҳати таъмини кафолати расмӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гашта, дар ҷараёни ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муҳокима ва баррасии судиро талаб мекунанд, амал мекунанд. Онҳо моҳияти расмию ҳуқуқии муҳокимаи судиро ифода карда, ба татбиқи меъёрҳои ҷорӣ ва амалӣ гаштани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд.

Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро таъмин мекунанд. Бо ин хусусиятҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъиноти ҳудро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, фароҳам овардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ.

5. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ шароит муҳайё мекунанд. Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни

муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои ҳатмии мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил мекунанд.

Тавассути танзими муносибати иштирокчиёни мурофиавии судии ҷиноятӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатӣ ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шудааст, ки зарурати таъсиррасонии он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, ӯҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешаванд, тағйир меёбанд, қатъ мешаванд ва ё хотима меёбанд.

Аз ин рӯ, таъиноти хос мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мешаванд:

- ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

- амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

- мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё мекунанд;

- ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

6. «Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» пеш аз ҳама шароиту муҳити муносиб ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашавад, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

7. Барои таъмини самаранокии амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст, ки:

Дар матни м.34 КМҶ ҶТ бояд муқаррароти «....тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ба тариқи дастаҷамъона доранд» нишон дода шавад.

Матни моддаи 292 КМҶ ҶТ қоидаеро пешбинӣ намояд, ки мутобиқи он бо вуҷуди аз маҷлисгоҳи судӣ дур карда шудани судшаванда, минбаъд у ба музокираи судӣ бояд ҳозир карда шавад.

8. Судя бояд салоҳияти таъмини баробарии тарафҳоро ҳангоми баррасии судии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳамчунин риояи (татбиқи) шартҳои умумии муҳокимаи судиро дошта бошад. Ғайир аз ин, ҳангоми аз нав баррасии шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ аз рӯи эътироз ё шикоят, суд бояд салоҳият дошта бошад, ки зарурати иштироки тарафҳо ва татбиқи шартҳои муҳокимаи судиро мустақилона муайян намояд.

Пешниҳодҳои пешбарӣ кардаи муаллиф ҷиҳати такмили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни меъёрҳои мурофиавиро дақиқ намуда, ба татбиқи дурусти қонунҳо ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо ба қонунӣ, асосноқӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатогиҳоро дар амалияи судӣ пешгирӣ ва бартараф мекунанд, инчунин воқеан ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин менамоянд.

Тавсияҳои муаллиф дар лоиҳаи муаллифӣ ба сифати «Барномаи стратегии рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқаррар карда шудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пешниҳод шудаанд (замима шудааст).

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз таҳлили назариявӣ-консептуалии муқаррароти пешбинишудаи қонун ҳамчун шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таснифоти низоми онҳо, моҳият, ифодаи дақиқ ва фарогири мақсад ва хусусиятҳои хоси онҳо иборат аст. Диссертатсия таҳқиқоти илмӣ-тахассусии мустақилона аст, ки дар сатҳи зарурӣ низоми донишҳои илмиро дар бораи механизми амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ, мазмун ва хусусиятҳои шаклгирифтаи онҳоро мукаммал намуда, инчунин ҳалли як қатор проблемаҳои бунёдии илми мурофиаи судии ҷиноятии миллиро пешбарӣ ва асоснок менамояд.

Муқаррароти консептуалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон, ки масъалаҳои асосии риоя ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ танзим мекунанд, инъикос ёфтааст. Як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ оид ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҷодаи муайян намудани самтҳои афзалиятноки мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ, банизомдарорӣ ва азнавсозии меъёрҳои он аҳаммияти муҳимми амалӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо метавонанд дар фаъолияти мақомоти олии қонунгузорӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шаванд. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли хулосаҳои муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок шуданд, самтҳои минбаъдаи таҳқиқоти илмиро дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда, ба такмил дода шудани амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, ба риояи самараноки онҳо дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сатҳи ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим ва омӯзиши курси «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Таҳияи расмии санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», курси махсуси «Асосҳои адлияи ҷиноятӣ», «Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар пешбурди судӣ» дар таълими ҳуқуқ ва дар низоми такмили ихтисос истифода шавад.

Нуқтаи назари пешбаришуда дар таҳқиқоти илмии мазкур метавонад дар амалияи ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар омӯзиш ва таҳлили муаммоҳои назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ, дар раванди таълимии муассисаҳои олии таълимии раванди ҳуқуқӣ дар омӯзиши фанҳои дахлдор, курсҳои махсус, дар рафти такмили ихтисос ва бозомӯзии судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва адвокатҳо истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мазмун ва хусусияти комплексии он, бо татбиқи тарзу услубҳои муосири таҳлилии таҳқиқот, дастовардҳои назариявӣ, асосҳои меъёрӣ, риояи принсипҳои илмӣ ва таҳлили миқдори дахлдори маводи амалияи мақомоти судӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд

(дар давоми солҳои 2015-2025) оид ба амалишавии шартҳои умумии муҳокима шудани парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти бевоситаи ӯ, пешбарии ақида ва тавсияҳо, ҷамъи пешниҳоду хулосаҳо, таҳлили мундариҷаи истилоҳоти меъёрӣ, таърифҳо ва пешбарии навоварии илмии диссертатсия инъикос мешавад. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисолаҳои илмӣ (монографияҳо), мақолаҳои илмии муаллиф, коркарди мавод ва барномаҳои таълимии тахассусӣ (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), маърузаҳо дар чорабиниҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натичаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Диссертатсия дорои сохтори ягонагии дохилӣ, пайдарҳамии мантиқии масъалагузорӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад, ки дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода шуда, муҳокима ва тақриздиҳиро гузаштааст. Экспертизаи иловагии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Хусусияти комплексии таҳқиқоти диссертатсионӣ боиси шаклҳои гуногуни тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои он гардид. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои зерин дар шакли маърузаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

А) **байналмилалӣ:**

- конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» - дар мавзуи «Доир ба масъалаҳои мурофиавии боздоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ» Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш.Душанбе, 10 декабри с.2020);

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 55-солагии Академияи Қарағандагии ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б.Бейсенов таҳти унвони «Масоил ва дурнамои такмили қонунгузорӣ ва амалияи тадбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ» маърӯза дар мавзуи «Принсипҳои конституцсионии адолати судӣ дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ» (Караганда, 30 октябри соли 2024);

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Руссия, д.и.ҳ., профессор Р.С.Мулкаев - маъруза дар мавзуи «Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 10 декабри с.2025).

Б) ҷумҳуриявӣ:

- конференсияи анъанавии илмӣ-амалии профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ», - маърӯза дар мавзуи «Доир ба шакл ва мазмуни санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ» (ш. Хуҷанд, 4-уми апрели соли 2020);

- конференсияи анъанавии илмӣ-амалии профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» - маърӯза дар мавзуи «Шакл ва мазмуни фикри айбдоркунӣ ҳамчун санади мурофиавӣ» (ш.Хуҷанд, 25-уми майи соли 2020);

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар» дар мавзуи «Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот» - маърӯза дар мавзуи «Доир ба аҳаммияти маълумоти воқеи дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ» (филиали донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. – 2020);

- конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маърӯза дар мавзуи «Зарурати такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Хуҷанд, 2021);

- конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик - маърӯза дар мавзуи «Принцип

справедливости в отечественном уголовном судопроизводстве» (ш. Хуҷанд, 19-уми апрели соли 2024);

- конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба Рузи илми тоҷик ва Солҳои рушди иқтисодӣ ва иноватсия - маърӯза дар мавзуи «Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ» (ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025);

- конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон» бахшида ба амалишавии «Стратегияи рушди иқтисодӣ «Сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва Рӯзи илми тоҷик - маърӯза дар мавзуи «Таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ» (Хуҷанд, 23 апрели соли 2025).

- конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида ба Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия - маърӯза дар мавзуи «Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд» (Хуҷанд, 01 ноябри соли 2025);

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои инкишофи Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 16-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон-маърӯза дар мавзуи «Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» (Душанбе, 03 декабри соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ 55 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 18 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, ки ҳабдаҳ зербобро муттаҳид менамояд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт (ҷилди 1) ва 5 замимаи дахлдор (ҷилди 2), аз ҷумла маълумоти оморӣ иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷме омода карда шудааст, ки ба талаботи пешбиникардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгӯй мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 451 саҳифаро дар бар мегирад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима мутобиқати мавзуи таҳқиқот асоснок карда, дараҷаи коркарди он тавсиф карда шудаанд; объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст; методология ва усулҳои таҳқиқот, асосҳои меъёрӣ, назариявӣ ва таҷрибавии (эмпирикии) он ошкор карда шудаанд; навгонии илмӣ; муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, номбар карда шудааст; аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор; дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот; маълумот дар бораи тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин сохтори диссертатсия нишон дода шудааст.

Боби якум – **«Асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** се зербобро дар бар мегирад, ки ба таҳқиқоти асосҳои назариявию ҳуқуқии ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиа бахшида шуда, дар натиҷаи омӯзиши адабиёти соҳа, ва қонунгузории миллӣ хусусиятҳои хоси мурофиаи судӣ ба риштаи таҳлил кашида, даврабандии он пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби якуми боби якум - **«Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ» -** манбаъҳои иҷтимоии муҳокимаи судӣ таҳлил гардида қайд карда шудааст, ки бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва асосҳои адолати судӣ ин падидаи ҳуқуқӣ пайваста то маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятии судӣ, тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя, инчунин иштирокчиёни мурофиаи судиро дарбар гирифтааст, ки дар раванди он тибқи қоида ва шартҳои муқарраркардаи қонунгузории муосири мурофиаи ҷиноятӣ тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани ҷиноят ба миён омадаанд, ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қабули санади судӣ ҳалли асоснок ва одилонаи худро меёбанд.

Муаллиф асоснок мекунад, ки муҳокимаи судӣ моҳияти иҷтимоӣ, расмӣ ва ҳуқуқӣ дошта, ҷузъи муҳимми фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ (давлатӣ) мебошад, ки асос, тартиб, қоида ва шартҳои пешбурди онро дар сатҳи меъёрӣ (ҳатмӣ) давлат муқаррар мекунад ва аз номи давлат иҷро мешавад. Муҳокимаи судӣ дар асоси принсипҳои конституцсионии адолати судӣ (ғояҳои роҳбарикунанда) амалӣ мешавад, ки мазмун ва моҳияти мурофиаи судӣ, ҳадаф ва вазифаҳои амалишавии онро муайян кардааст.

Ноил шудан ба ҳадафҳои муҳокимаи судӣ ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, қайд мекунад муаллиф.

Дар ҳамин қисмати рисола муҳокимаи судӣ ҳамчун шакли маъмул ва марказии фаъолияти мурофиавии суд, ки бо тартиби муайян аз тарафи мақомоти олии қонунгузор муқаррар шудааст, дар таносуби «пешбурди судӣ», «марҳилаи судӣ», «мачлиси судӣ», «баррасии судӣ», «дида баромадан ва ҳалли парвандаи чиноятӣ» ва «мурофиаи судии парвандаи чиноятӣ» таҳлил гашта, афзалияти «муҳокимаи судӣ» ҳамчун марҳилаи мустақили судӣ муаррифӣ мешавад.

Муаллиф чиҳати мазмун ва моҳияти муҳокимаи судӣ илова мекунад, ки муҳокимаи судӣ баҳри баррасии холисона, шаффоф ва одилонаи баҳси ҳуқуқӣ байни тарафҳо амалӣ мешавад, чузъи таркибӣ ва асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва раванди ҳуқуқтатбиккуние маҳсуб меёбад, ки дар ба амалбарории он қарорҳои ниҳоие қабул мегардад, ки боиси ба вучуд омадани ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ) мегардад.

Дар зербоби дуюми боби якум - **«Асосҳои конституционӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои чиноятӣ» -** асоснок карда шудааст, ки тибқи асосҳои конституционӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судӣ яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, таъиноти давлат, ӯҳдадории давлат оид ба таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардидааст, ки дар замони муосир пайваста ба туфайли амалишавии ислоҳоти судӣ -ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон рушд меёбад.

Муаллиф қайд менамояд, ки асосҳои конституционии адолати судӣ оид ба парвандаҳои чиноятӣ дар Ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон аз рӯи қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ, аз чумла шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ гашта, дар умум барои ба ҳадафи мурофиаи судии чиноятӣ ноил шудан *шароит* барпо мекунанд. Тартиби расмии баамалбарории адолати судӣ аз рӯи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма гирифтааст. Мутобиқан ба асосҳои конституционии адолати судӣ муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои чиноятӣ томият, умумият ва пайвастагии на танҳо самти фаъолияти мурофиавии чиноятии мақомоти давлатӣ, балки таъинот ва мазмуни принсипҳои мурофиаи чиноятӣ, ба ҳам алоқамандии тамоми амалҳои мурофиавиро бо ҳадафи он фаро гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф, меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, низоми мақомоти судӣ ва прокуратура, усулҳои ташкилёбӣ ва шаклҳои фаъолият, принсипу салоҳияти онҳоро, низоми мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, низоми худидораи маҳаллӣ, тартиби ташкилёбӣ, фаъолият ва салоҳияти онҳоро дарбар гирифтааст, балки онҳо инчунин асосҳои конституцсионӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ мебошанд, ки зимни пешбурди ҳар як амали мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳангоми ҳалли тамоми масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд ва бе истисно тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Аз назари муаллиф, асосҳои конституцсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таҳкурсии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар танзими муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар мазмуну талаботи мурофиавӣ таҷассум мекунад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конституцсионии адолати судӣ шароит муҳайё мекунанд.Бо вуҷуди ин, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити муосир дар соҳаи амалишавии асосҳои конституцсионии адолати судӣ ҳам дучори муаммоҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ гардиданд, ки ҳалли онҳо ногузир вазифаҳои навро пеш оварданд ва иҷрои онҳо зарурати баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва такмил додани қоидаҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро таҳозо мекунанд.

Аз ин лиҳоз муаллиф пешниҳод мекунад, ки бо мақсади таҳкими фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии мурофиаи судӣ, дастрасии ҳифзи судӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон идома ёбад. Зеро, ки, қайд кардааст муаллиф, яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи истиқлоли давлатӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо, инчунин беҳтар намудани сифати

чораҳои ҳуқуқии муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо) ин дуруст, бонизом ва мутобиқ ба арзишҳои башарӣ ва манфиатҳои миллӣ боэътимод сохтани сиёсати ҳуқуқии давлат, такмил додани қонунгузории миллӣ ва татбиқи онҳо, аз ҷумла дар самти ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ»** муаллиф дар сатҳи меъёрӣ муқаррар шудани «марҳилаҳои судӣ» ва «зинаҳои судӣ»-ро дар муқоиса бо «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» мавриди таҳқиқ қарор дода, нисбати шарҳу мафҳуми онҳо нуқтаи назари худро асоснок намудааст, зикр шудааст, ки «марҳилаҳои судӣ» назар ба «муҳокимаи судӣ» мазмуни нисбатан васеъ дошта, дар доираи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал кардани мақомоти суд ва аз номи давлат – Тоҷикистон барои баррасӣ ва ҳалли тамоми баҳсҳои ҳуқуқӣ (маданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ) ва ба амалбарории адолат салоҳиятдор шудани онҳоро ифода менамояд. Дар ин зербоб қайд карда шудааст, ки мафҳуми «зинаҳои судӣ» мазмуни марҳилаҳои судиро иваз карда наметавонад, чунки мафҳуми *зинаҳои судӣ* хусусияти ташкиливу маъмурӣ (таъсисёбӣ) дошта, тибқи қонун вобаста ба сохтори маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудани мақомоти судиро ифода кардааст.

Дар таносуби муқаррароти «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ», «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ», «баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ» хулосаҳои муаллифӣ пешниҳод шудааст, ки муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз қисмҳои муайян ва маҷмуи амалҳои мурофиавии судӣ иборат буда, қатъиян бо тартиб ва шартҳои муайянкардаи қонун иҷро шуда, дар натиҷа ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар ҳукми суд нишон дода мешавад. Бо баровардани ҳукми судӣ моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал хотима меёбад. Танҳо суд бо ҳукм аз номи давлат шахсро барои содир кардани ҷиноят маҳкум мекунад ва ҷазои одилона таъин мекунад ё баракс бегуноҳии шахсро эътироф ва эълон мекунад. Ягон мақомоти дигар, салоҳияти аз номи давлат баррасӣ намудан ва ҳалли парвандаи ҷиноятиро надорад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки *муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ* дар таркиби фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ марҳилаи навбатӣ ва мустақил мебошад, ки натиҷаи баргузории марҳилаҳои тосудиро бо баргузории маҷлиси ошкорои судӣ бо иштироки тарафҳо ҷамъбаст намуда, ҳалли масъалаи асосии пешбурди парвандаи

ҷиноятиро муқаррар менамояд. Айни замон, марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо шартҳои умумии баргузоршавӣ, сохтори таркибӣ, пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ ва мавзуи баррасии судӣ назар ба маҷлисҳои дигари суд бо моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ фарқ мекунад.

Бояд ишора намуд, ки муҳокимаи судӣ аз рӯи мазмун, вазифа, тартиби мурофиавии ҷиноятӣ ва мавзуи баррасии судӣ (моҳиятан баррасӣ шудани масъалаҳое, ки дар м.335 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешаванд) дар байни марҳилаҳои дигари мурофиа мавқеи марказӣ ва асосии мурофиаи судиро ишгол кардааст ва дорои хусусиятҳои зерини мурофиавӣ мебошад: вазифаҳои бевоситаи ҳар як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз вазифаҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд; дар ҳар марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ гурӯҳи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонун амал ва иштирок мекунанд; шакли (тартиби) мурофиавии амалҳо бо вазифаи бевоситаи ҳар як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, аз рӯи мазмун талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро ифода менамоянд; дар ҳар кадом марҳила ичрои ҳатмии вазифаи муайян пешбинӣ мешавад, ки барои ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ноил гаштан равона мешавад; муносибатҳои хоси иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар марҳилаи муайяни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла дар рафти муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён меоянд, тағйир меёбанд ва ё қать мешавад; қабул шудани санади мурофиавӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи мурофиавӣ, аз ҷумла дар марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ивазшавии онро ба марҳилаи дигар таъмин менамояд; иваз шудани як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо марҳилаи навбатӣ (ичрои ҳукм), боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани муносибатҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ мегардад; салоҳияти суд дар ҳама марҳилаҳо, аз ҷумла дар марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона мешавад.

Боби дуюми рисола - «**Ташаккулёбӣ, моҳият, аҳаммият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ**» аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали боби дуюм масъалаи «**Заминаҳои ичтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва**

шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқӣ бо таҳлилҳои муаллифӣ муайян карда шудааст, ки ҳарчанд аввалин нишонаҳои мурофиа дар шакли даъвогӣ ва ё хусусӣ (фардӣ), тибқи урфу одатҳои авлодӣ, мазҳабӣ, динӣ ба таври шифоҳӣ дар ҳаёти аксарияти мардуми Осиёи Миёна ҷорӣ ва татбиқ шуда бошад ҳам, бо хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудааст, ки ин қоидаҳои мурофиа марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун тағйир ёфтаанд ва ганӣ гаштаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо васеъ шудааст, лекин онҳо аҳаммият ва муҳиммияти худро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, умуман дар таъмини осоиштагии ҳаёти иҷтимоӣ собит кардаанд.

Қоидаҳои мурофиавӣ арзиши иҷтимоии худро нигоҳ дошта, то ҳануз бо мазмуну моҳияти аслии худ арзи вуҷуд мекунанд ва ҳамчун осори ниёгони мо на танҳо аҳаммияти таърихиву ҳуқуқӣ доранд, балки ҷузъи таркибии фарҳангиву маънавии миллиро дар соҳаи адолати судӣ таҷассум мекунанд. Қайд мешавад, ки ҷорӣ шудани шарту шароити баргузории мурофиа ифодаи натиҷаҳои кӯшиш ва иродаи аҳли ҷомеа дар роҳи пешгирии беадолатӣ ва бенизомӣ, зулму шиканҷа, бемасъулиятӣ, худсарӣ ва худмаҳвкунӣ, ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ мебошад, ки минбаъд аҳаммияти иҷтимоии он то сатҳи ҳуқуқӣ (расмӣ) расида, риоя ва иҷрои онҳо хусусияти умумиҳатмӣ пайдо кардааст.

Вобаста ба хусусият ва моҳияти марҳилаҳои таърихии рушди ҳаёти ҷомеа таҳқиқи илмии пайдоиш ва ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиа зеран пешниҳод карда мешавад:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) давраи ташаккули қоидаҳои мурофиаи замони зардуштӣ;

3) давраи амали қоидаҳои мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) рушди қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятии замони муосир.

Даврабандии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба таҳқиқотҳои илмӣ оид ба асосҳои таърихӣ, ба муайян кардани хусусиятҳои ҳуқуқии рушди қоидаҳои баргузории мурофиаи судӣ мусоидат карда, сохтори таркибии мавзуи таҳқиқот ва самти онро муфассал ва муттаҳид намудааст.

Бо хулосаҳои муаллиф асоснок шудааст, ки ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзоёни авлод ё қабила бошад, сипас баробари авҷи муносибатҳои ҷамъиятӣ ё ғасби ҳудуд ва минтақаҳои муайян, рақобат ва муттаҳидшавии қабила ва авлодҳо, паҳншавӣ ва афзалият пайдо кардани қоидаҳои динӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҳар як марҳилаи таърихии рушди ҳаёти ҷомеа, новобаста аз зиддияти манфиатҳо, камбудӣ ва ихтилофҳо ба пайдоиш ва паҳн шудани арзишҳои умумиахлоқию маънавӣ, ҷорӣ шудани низоми муайяни мурофиавӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини ҳаёти осоишати мардум ва адолати иҷтимоӣ роҳ кушода, ба рушди қоидаҳои мурофиаи одилонаи судӣ замина гузоштааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф асоснок мекунад, ки қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амалӣ шудани қоидаҳои мурофиавӣ таҳқурсӣ гузоштаанд, ки бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолати судӣ ва ногузир дигаргун гаштани шартҳои муҳокимаи судӣ такмил дода шудаанд. Аз ҷумла:

1) ҷорӣ ва риоя шудани шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони у;

2) ҳуқуқ ба шикоят ва арзу даъво доштани шахс;

3) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, аъзои ҷомеа;

4) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

5) қоидаҳои баррасии дастаҷамъӣ ва шифоҳии арзу даъво;

6) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

7) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ, то созиши тарафҳо;

8) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

9) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

10) одилона таъин кардани ҷазо;

11) кӯшиши оқилона, воқебинона муайян кардани товони зарар;

12) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

13) таъмини мустақилият ва беғаразии довар (судя) дар баррасии низоъ, баҳс ва арзу даъво.

Тибқи хулосаҳои муаллиф, ҷараёни ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва минбаъд рушди низоми давлатдорӣ ба паҳн гаштани таҷрибаи мақсаднок ва одилона ҳал кардани баҳсу низоъ мусоидат карда, ба пайдоиш ва рушди қоида ва шартҳои мурофиа бо иштироки тарафҳо, баррасии ошкорои арзу даъво, қоидаҳои мубоҳиса ва ҳалли дастаҷамъонаи баҳсу мунозира замина гузоштаанд, ки дар замони муосир онҳо таҳкурсии боэътимоди фарҳанги қонунгузории миллиро дар самти рушди адолати судӣ ташкил додаанд. Инъикоси шаффофи рӯйдодҳои таърихии ҳаёти ҷомеа, таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи он, зинаҳои ташаккулёбии қоидаҳои рафтор, шаклҳои танзими ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқ, адолат ва роҳҳои таъмини он, имрӯз ба муаллиф имконият додааст, ки сабақҳои гузашта ва ҳозираро муқоиса ва таҳлил намуда, самтҳои ояндаи рушди қонунгузорӣ, фаъолияти судӣ ва мурофиаи судиро дар таъмини адолати иҷтимоӣ муайян намояд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - «**Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ**» **-** нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳум ва моҳияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ироа ва асоснок карда шудааст. Қайд карда шудааст, ки шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, на танҳо ифодаи ҷамъи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, балки *уҳдадории давлат ва кафолати расмиро* ифода мекунанд, ки аз талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар ягонагӣ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани маҷлиси судиро таъмин менамоянд, то ки барои беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Асоснок карда шудааст, ки таъмини иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, риояи дақиқ, иҷро ва татбиқи ягонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои муқаррар ва ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мебошад. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, дар иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунанд. Бо ин хусусият, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

таъиноти (функсияи) худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, барпо кардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ.

Тибқи хулосаҳои муаллифӣ шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ *моҳияти расмию ҳуқуқӣ* дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни «талабот ва кафолати мурофиавӣ» дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ *шароит* муҳайё мекунанд.

Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои мурофиавии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлил хусусияти мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судиро дар шакли васеъ чунин **ифода мекунад:**

а) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, таъмин менамоянд;

б) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ кафолати (уҳдадории давлат) риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (вобаста аз мавқеъ, таъинот, ҳадаф ва ҳолати ҳуқуқии онҳо) ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ аст;

в) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ба шакл гирифтани низоми ягона ва **ба т**анзими боэътимоди муносибатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни он ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунанд;

г) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи **к**афолати иштироки аҳли ҷомеа дар пешбурди мурофиаи судӣ, хусусан дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ мебошанд;

д) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳадду ҳудуди дақиқи иштирок дар муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафторҳои муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ ва барқароршавии муносибатҳои ҳуқуқиро низ фаро гирифтааст.

Муаллиф асоснок кардааст, ки ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ ё дақиқ номбар (пешбинӣ) нашуда низ чун *асоси воқеии амалишавии шартҳои умумии мурофиаи судӣ* эътироф мешаванд, лекин онҳо дар сурате аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, ки агар суд, судя бо хулоса ояд, ки:

- дар асоси ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ нашуда, лекин воқеан мавҷуда зарурати танзими муносибати ҳуқуқӣ пайдо мешавад ё зарурати баҳодиҳӣ ба онҳо аз ҷониби суд, судя ба миён меояд;

- ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо барои расидан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муосидат менамояд ва ба ин ҳадаф мувофиқ мебошад;

- ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мухолиф нестанд ва иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин мекунанд;

- ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо яке аз талаботе мебошад, ки аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеояд;

- ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ нашуда, лекин воқеан мавҷуданд на танҳо боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои мурофиавӣ мегарданд, балки амалӣ шудани (риоя, иҷро ва ё татбиқи) шартҳои умумии муҳокимаи судиро ногузир мегардонанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф муайян кардааст, ки шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ғайр аз ҳадафи умумии (расмии) мурофиаи ҷиноятӣ, *таъиноти хосаи таркибӣ* дорад:

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст;

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоранд;

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

Ғайр аз ин, дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ номбар кардани тамоми ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ғайриимкон аст, бинобар ин, дар самти такмил додани амалияи тафтишотию судӣ дар фаъолияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ (аз рӯйи мазмун ва моҳияти онҳо) ва баланд бардоштани сатҳу сифати баамалбарории адолати судӣ шарҳу маънидоди асосноки мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, бартараф кардани ихтилофи меъёрҳо, коркард ва мавриди амал қарор додани тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдиди назар ба қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷалби мутахассисони соҳа мубрам ва муҳим дониста шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «**Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ**» мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо мақсади бартараф кардани шарҳу тафсири гуногуншакли назариявии «ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ», инчунин барои саҳеҳ ифода ёфтан ва дар амал дуруст татбиқ шудани қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла барои таъмини алоқаи мутақобилаи мазмуни меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ асоснок мекунад, ки м.2 КМҶ ҶТ «Ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуда, дар қ.2 м. 2 КМҶ ҶТ бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад».

Дар шакли меъёрӣ муайян шудани ҳадду ҳудуд ва эътибори ҳатмӣ доштани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ хусусиятҳои мурофиавӣ дорад:

а) ҷорӣ шудани қоидаҳо, тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд, хусусияти ҳатмӣ ва моҳияти расмӣ доштани танзимёбии муносибати ҳуқуқиро ифода мекунад;

б) воқеан таъмин шудани кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва ухдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

в) танзими муносибатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобаста аз таъинот, ҳадаф ва ҳолати ҳуқуқии онҳо;

г) ҳадду ҳудуди аниқи иштироки шахс дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафторҳои муайян,

андешидани чораҳои маҷбурӣ, пешгирии вайронкунии қоидаҳои рафтор ва барқароршавии муносибати ҳуқуқӣ.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бояд барои иҷрои ин вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳамин ҳадаф шароит муҳайё намоянд.

Барои бартараф кардани ихтилофи мазмун ва таъмини мутобиқат бо меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятии дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» пешбинишуда, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд. Асоснок мешавад, ки тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон бояд *ягона ва умумӣ* бошад, ба ҳамаи иштирокчиён ва ҳамаи амалҳою қарорҳои мурофиавӣ дахл дошта, ҳамаи тарафҳои фаъолият ва муносибатҳои мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни муносибатҳои мурофиавиро бояд таҳвият бахшад ва барои воқеан амалӣ гаштани онҳо мусоидат намояд.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба шумор рафта, ба ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад ва барои воқеан иҷро шудани онҳо шароит муҳайё мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки тибқи м.8 КМҶ ҶТ ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Бинобар ин, дар м.34 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро, новобаста аз дараҷаи хавфнокии ҷиноят *ба тариқи дастаҷамъона* дошта бошанд.

Бинобар муташанниҷ гаштани муносибатҳои байналхалқӣ, татбиқи сиёсати духура дар риоя ва иҷрои санадҳои умумиэътирофгаштаи байналхалқӣ ба манфиати давлатҳои абарқудрат, сатҳи пасти ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар муқовимат бо ҷиноят ва ҷиноятқорӣ, дар сатҳи декларативӣ боқӣ мондани санадҳои ҳамкорӣ, мухолифати «меъёрҳои озодӣ ва таҳаммулпарастии давлатҳои Ғарб» ба манфиат ва фарҳанги

миллии мо, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои ИДМ, дар марҳилаи муайян, то ба эътидол омадани вазъияти ҷаҳони муосир ва муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима ва татбиқ қарор додани бартарияти қонунгузории миллӣ бар меъёрҳои байналхалқӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Бинбар ин, аз нуқтаи назари муаллифӣ пешниҳод шудааст, ки дар матни қ.2 м.3 КМҶ ҶТ истилоҳи «....бо супориши онҳо...» бояд бо истилоҳи «...дархости ё хоҳиши онҳо» иваз карда шавад. Айнан ба чунин тағйирот м.м. 470, 474 КМҶ ҶТ ниёз доранд. Чунки ***супориши*** мақомоти тафтишот ва судҳои давлати хориҷӣ соҳибихтиёрии давлат ва мустақилияти мақомоти онро коҳиш дода, зери тобеият ё итоат қарор доштанро ифода мекунад.

Боби сеюми рисола - «**Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва таснифи онҳо» -** аз чаҳор зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ба «**Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ»** бахшида шудааст. Муаллиф бо роҳи таснифи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ имкон пайдо кардааст, ки сохтори такибии “низоми шартҳои умумӣ»-ро ба ҷузъ ва ё унсурҳои таркибии алоҳида (аз рӯи хусусият, аҳаммият, мазмун, пайдарҳамӣ, пайвастагӣ, нишона, сифатҳои таъсиррасонӣ ба муносибати ҳуқуқӣ ва ғ.), лекин ба ҳам пайваста ва дар алоҳидагӣ ҷудо карда, пас ба алоқамандии онҳо дар ягонагӣ баҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ диҳад. Тавассути таснифоти ҳуқуқии низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар доираи ҳудуд ва меъёрҳои муқарраркардаи қонун, аз ибтидо то интиҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳаммият, мазмун ва «*умумияти*» ҳар як шарт (тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ; ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ; тағйирнопазирии ҳайъати суд; ҳадди муҳокимаи судӣ; ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси судӣ; тартиби маҷлиси суд; чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси судӣ; протоколи маҷлиси судӣ; баррасии эродҳо доир ба протоколи маҷлиси судӣ; раисикунанда дар маҷлиси суд ва ғай.) муайян карда шуда, ҳалли асосноки масъалаҳои назариявӣ ва муайян кардани роҳҳои бартараф кардани мушкилоти дар амалияи судӣ ҷойдошта пешниҳод шудааст.

Дар асоси таҳлили ҳуқуқӣ муаллиф шартҳои умумии муҳокимаи судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ кардааст:

- вобаста ба амалишавии онҳо дар марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ;
- вобаста ба мавзуи муҳокимаи судӣ;
- вобаста ба амалишавии функсияи айбдоркунӣ;
- вобаста ба самти фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ;
- ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ.

Муаллиф аз назари сохтори таркибии фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ (марҳилаҳои он) шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста *ба доираи амалишавии онҳо* ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: **а)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ; **б)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки *дар марҳилаи асосӣ* - муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ зимни моҳиятан баррасишудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал. Дар марҳилаи марказӣ ва асосии мурофиа тамоми шартҳои дар боби 32 КМҶ ҶТ номбаршуда амал мекунанд; в) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми баргузории маҷлиси суд *дар марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ*. Дар маҷлиси суди марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав тамоми шартҳои дар боби 32 КМҶ ҶТ номбаршуда амал намекунанд.

Таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судиро муаллиф вобаста *ба мавзуи муҳокимаи судӣ* ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

1) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои мурофиавӣ, ки мавзуи муҳокима ё баррасии судро ногузирии маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конституционии шаҳрвандон ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, пешбурди чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35-1 КМҶ ҶТ) ё амали тафтишотӣ (м.35-2 КМҶ ҶТ) ташкил медиҳанд.

2) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми дар суди марҳилаи аввал баррасӣ шудани масъалаҳои асосии мурофиавӣ, ки *мавзуи* марказии муҳокима ё баррасии судиро гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ташкил медиҳад ва натиҷаи он дар ҳукм ифода меёбад.

3) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаҳои истисноӣ, ки *мавзуи* муҳокима ё баррасии судиро қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ва санадҳои дигари судӣ ташкил медиҳанд.

Бо назардошти таҳқиқоти олимон ва меъёрҳои мурофиавӣ муаллиф чунин мешуморад, ки низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба амалишавии *таъиноти (самти)* фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ: а) ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ; б) амалишавии принсипҳои конституцсионии адолати судӣ; в) таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор додан ба мақсад мувофиқ аст.

Таснифоти низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аввалин пешниҳоди асоснок аст, ки барои саҳеҳ дарк намудани мазмун ва моҳияти ҳар як шарти умумии муҳокимаи судӣ дар амалишавии фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиа, инчунин барои дақиқ кардани нақш ва мавқеи онҳо дар иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ таҳқиқотҳои назариявию илмиро роҳнамоӣ мекунад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «**Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ**» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки «муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ» мазмуни нисбатан васеъ дошта, он аз принсипҳои адолати судӣ сарчашма гирифтааст, лекин танҳо бо «тафтиши далелҳо» маҳдуд намешавад, балки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад, то ки далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо *бевосита* тафтиш карда шаванд.

Шарти умумии «муҳокимаи бевосита» тибқи таҳлили муаллиф танҳо бо тафтиши далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад. Аз ҷумла:

- амалҳои судӣ монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайра аз ҷониби суд, судя *бевосита* иҷро мешаванд. (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ *бевосита* санҷида баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. (м.м.21,311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя иштироки *бевоситаи* тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22,276-277 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда *бевосита* ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя *бевосита* масъалаҳои мурофиавиро монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мекунад. (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, *бевосита* қабул мекунад (м.м. 290,332-350 КМҶ ҶТ).

Хулосаҳои муаллиф оид ба шарҳи дақиқи истилоҳоти «ҳамаҷониба, пурра, холисона, бевосита, шифоҳӣ» ва аҳаммияти онҳо пешбарӣ ва асоснок карда мешавад. Муаллиф барои бартараф кардани ихтилофи меъёрҳои КМҶ ҶТ якчанд пешниҳодро мавриди муҳокима қарор дода, хулосаҳои асоснок пешбарӣ мекунад.

Тибқи таҳлили муаллиф муҳокимаи бевосита ва шифоҳии парвандаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки:

а) риояи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, таъмин гардад;

б) таъмини кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни маҷлиси судӣ воқеан амалӣ гардад;

в) ба мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ шароит муҳайё гардад;

г) кафолати иштироки тарафҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиаи судӣ, пешбурди амалҳои мурофиавӣ ва баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ воқеан таъмин гардад;

д) ҳудуди аниқи иштироки тарафҳо дар муносибатҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ ва барқароршавии ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо имконпазир бошад.

Муаллиф асоснок кардааст, ки муҳокимаи бевоситаи парвандаи ҷиноятӣ на танҳо нисбати салоҳияти суд, судя ҳангоми таҳқиқи далелҳо бояд татбиқ гардад, балки:

1) таъмин кардани иштироки бевоситаи тарафҳо ва амалишавии кафолатҳои мурофиавии онҳоро дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар бар гирад;

2) аз ҷониби суд, судя бо тартиби муайянкардаи қонун бевосита иҷро шудани амалҳои мурофиавии судӣ ва расмиёти

санадҳои мурофиавиро (протоколи маҷлиси суд, қарор, таъинот ва ҳукм) нишон диҳад;

3) аз ҷониби суд, судя бевосита ҳал шудани масъалаҳои мурофиавиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ифода намояд;

4) муҳокимаи бевоситаи судӣ мустақилияти судро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз мавқеи тарафҳо бояд таҳвият бахшад.

Бинобар ин пешниҳоди муаллифи асоснок мешавад, ки ба қисми 4 м.272 КМҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад:

«Суд, судя бояд муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро бо иштироки бевоситаи тарафҳо ва таъмини бевоситаи кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар амалӣ намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо бевосита шароит фароҳам меорад, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ бевосита ва сари вақт чораҳо меандешад».

Барои таъмини мутобиқати мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ба ҳадафҳои мурофиавӣ зарур аст, ки дар матни қисми 1,3, м.272 КМҶ ҶТ ба мазмуни истилоҳи «тафтиши бевосита», «тафтиши далелҳо» диққат дода шавад. Ифодаи амалҳои суд, судя оид ба «тафтиши бевосита», «тафтиши далелҳо» ба мазмуни «тафтиши пешакӣ», «тафтиши иловагӣ» ва «тафтиши судӣ», «тафтиши нав», ки дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (боби 20, 34 КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд, ба ҳамдигар монанданд, лекин онҳо ҳаммаъно нестанд. Аз ин рӯ, қайд карда шудааст, ки бо мақсади таҳия ва ифодаи саҳеҳ, таъмини мутобиқати мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ва татбиқи ягона ва дақиқи онҳо дар амалия, дар матни қ. 1,3 м.272 КМҶ ҶТ, қисми 1 м.85, м.87 КМҶ ҶТ ҷузъи таркибии исбот ва зинаи марказии он бояд «санҷиши далелҳо» номида шавад, ки ташбеҳи он бо истилоҳоти «тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ», «тафтиши иловагӣ» бартараф ва татбиқи дурусти он дар амалия таъмин карда мешавад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм яке аз шартҳои муҳокимаи судӣ - «**Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ**» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми мурофиавӣ ва расмӣ дошта, амалишавии меъёрҳои конституцсионӣ, иштироки намояндагони доираи васеи иҷтимоиро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ таъмин мекунад, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятиро ҳамчун минбари демократӣ таҷассум менамояд ва барои амалӣ гардидани адолати судӣ дар асосҳои мубоҳиса, ошкорбаёнӣ ва баробарҳуқуқии

тарафҳо шароит ба вуҷуд меорад, аз ҷумла шакли амалисозии назорати аҳли ҷомеаро аз болои фаъолияти ҳокимияти судӣ нишон медиҳад. Муҳокимаи ошкорои судӣ ҷузъи ҷудонопазири давлати демократӣ ва ҷомеаи адолатпарвар аст. Қайд карда шудааст, ки пешбурди ошкорои парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо дар марҳилаи аввали муҳокимаи судӣ, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ вуҷуд дорад ва набояд инкор ё маҳдуд карда шавад.

Дар натиҷаи муқоиса ва таҳлили назариявии ҳуқуқӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки мурофиаи ғоибонаи судӣ чун шакли фаъолияти суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳам дар шаклӣ расмӣ ва ҳам мурофиавӣ дар амалия ва қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад ва набояд амалӣ гардад, ки мухолифи ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аст. Чунки:

а) ҳалли масъала аз ҷониби суд дар бораи имконпазирии баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми иштирок надоштан ё сари вақт ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ шакли фаъолияти мурофиавии суд аст, лекин он тамоми амалҳои мурофиавӣ ва ҳалли тамоми масъалаҳоро дар ҷараёни муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар бар намегирад;

б) бе иштироки яке аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҷараён гирифтани муҳокимаи судӣ имконияти тарафҳо ва шахсони дигарро дар муҳокимаи ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намекунад;

в) мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми иштирок надоштани на танҳо судшаванда, балки дар ғоибии иштирокчиёни дигари муҳокимаи судӣ низ муқаррар шудааст (м.м. 111, 112, 282, 316,433,434, 451 КМҶ ҶТ), лекин чунин ҳолатҳо зарурати баргузории маҷлиси пӯшидаи судиро талаб намекунанд ва «мурофиаи ғоибона»-ро истисно мекунанд.

г) ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ, барои баргузории тамоми маҷлиси пӯшидаи судӣ ё ягон қисми он асос дониста намешавад.

Пешниҳод карда шудааст, ки агар нисбати судшавандагони алоҳида барои гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ, ҳолатҳое, ки дар м.273 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд мавҷуд бошанд, лекин нисбати судшавандагони дигар ин ҳолатҳо дахл надошта бошанд, он гоҳ суд, судя бояд аз парвандаи ҷиноятӣ дигар парвандаи ҷиноятиеро, ки бояд дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ гардад, ба пешбурди алоҳида ҷудо намояд. Дар акси ҳол, агар ҷудо

намудани парвандаи ҷиноятӣ баррасии ҳамаҷониба ва пурраи парванда таъсир расонад, он гоҳ суд, судя бояд масъалаи пӯшида гузаронидани маҷлиси судиро аз рӯи парванда нисбати ҳама судшавандагон ҳаллу фасл намояд.Чунин муқаррарот бояд дар м. 273 КМҶ ҶТ барқарор карда шавад.

Тибқи хулосаҳои муаллиф оид ба баргузории маҷлиси пӯшидаи судӣ, ҳимояи давлатӣ на танҳо ба судшаванда ва ҷабрдида, балки нисбати тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин *аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо* кафолат дода мешавад. Бинобар ин, пешниҳод карда шудааст, ки дар қисми 2 м.273 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо барои иштирок дар маҷлиси судӣ бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, суд, судя, бояд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиа ва хешовандони онҳо *бо дархости онҳо ё ташаббуси худ* маҷлиси судиро пӯшида гузаронад.Чунки дар меъёри номбаршуда, таъин шудани маҷлиси пӯшидаи судӣ бинобар зарурати таъмини аманияти шахсии ***танҳо*** иштирокчиёни мурофиаи судӣ ифода шудааст.

Баҳри бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта, ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ муаллиф мувофиқи ҳадафу вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод мекунад:

а) дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он, ҳангоми ҳалли масъалаҳои зерин *муҳокимаи пешакии судӣ* бояд бо иштироки тарафҳо баргузор шавад:

- муҳокимаи асосҳои қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда;

- муҳокимаи ҳолатҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;

- зарурати интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ;

- зарурати андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст;

- муҳокимаи масъалаи дар маҷлиси пӯшида баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ;

- баррасии ариза ва дархостҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ.

Қайд карда шудааст, ки *мавзуи аризаву дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ* набояд «бо даъвати шоҳидони нав ё ғайриқобули қабул эътироф кардани далелҳо ва ғайраҳо» маҳдуд карда шавад.

Пешниҳод мешавад, ки дар қисми 4 м.273 КМҶ ҶТ муқаррараи «....танҳо *бо иҷозати* шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад», бо муқаррараи «....танҳо бо *розигии* шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад» иваз карда шавад.

Зербоби чоруми боби сеюм ба масъалаи «**Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд**» бахшида шудааст. Зикр гардидааст, ки қоидаҳои ҳайъати дастаҷамъона ва ё танҳо баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, салоҳияти судя, ҳолатҳое, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ истисно мекунанд, муқаррароти муҳимми қонунгузорӣ мебошанд, ки барои холисона ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ, бартараф ва пешгирӣ кардани ҳама гуна дахолат, манфиатдорӣ, ҷонибдорӣ ё ҳолатҳои дигари таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷорӣ шудааст.

Бо мақсади таъмини кафолатҳои конституцсионии ҳифзи судӣ ва адолати судӣ якчанд пешниҳодҳои муаллифӣ асоснок карда шудааст, ки меъёрҳои мурофиавӣ оид ба баррасии судии маводҳо ва дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конституцсионии шаҳрвандон ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ ба меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлили қоидаҳои мурофиавӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки барои воқеан таъмин шудани принсипи конституцсионии ҳифзи судӣ, ки тибқи он, ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд, қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҳалли ҳамин масъалаҳо такмил дода шаванд. Аз ҷумла:

1) бо мақсади таъмини беғаразии судя ва салоҳиятнокии у қисми 5, м.124 КМҶ ҶТ бояд ихтисор карда шуда, баҳри татбиқи ягона ва дақиқи қоидаҳои тағйирнопазирии ҳайъати суд матни қисми 1, м. 62 КМ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«Судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршавандаро қабул намудааст, муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз

кардааст *ё шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро аз амал (беамалӣ) ва қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор то баргузории маҷлиси судӣ баррасӣ кардааст*, салоҳияти дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карданро надорад».

2) қисми 1 м.62 КМҶ ҶТ ба таҳрири зерин низ ниёз дорад:

«Судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додаст ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани муҳлати онҳоро қабул намудааст, қарор оид ба масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси суд қабул кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад».

3) қисми 4, м. 64 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Раддия нисбат ба судяе, ки парвандаро танҳо баррасӣ мекунад ё шикоятро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ ва дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дида мебарояд, *аз тарафи раиси суди дахлдор* тавассути қабули қарор ҳал карда мешавад».

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар қисми 5 м.35 (2) КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки баробари гирифтани маълумоти хаттӣ дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани кофтуков ва дарёфт кардан ё амали дигари тафтишӣ судя маводи ба он алоқамандро аз мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ талаб намуда, дар муҳлати на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи гирифтани онҳо, маводҳоро танҳо баррасӣ менамояд. Судя қонунӣ будани қарорро дар бораи гузаронидани амали тафтишӣ *бо иштироки тарафҳо* месанҷад. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш судя дар бораи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будани қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ қарори асоснок бароварда, *нусхаҳои онро* ба прокурор, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ *ва бо дархости иштирокчиёни манфиатдор ба онҳо* дастрас менамояд;

Дар қисми 3 м.111 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки «…дар маҷлиси суд инчунин намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ, *ҷабрдида ва намонядаи ӯ*, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқи иштирок кардан доранд. Бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани тарафҳо, ки аз вақти гузаронидани маҷлиси суд сари вақт огоҳонида шудаанд, барои баррасии

дархост монеъ шуда наметавонад, ба истиснои ҳолатҳои ҳозир нашудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда ва *ҳимоятгари онҳо»;*

Қисми 7 м.111 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин ифода гардад: «…дар хусуси ба ҳабс гирифтани ҳамон як шахс аз рӯи ҳамон як парвандаи ҷиноятӣ пас аз баровардани қарори суд дар бораи рад кардани интихоби ин чораи пешгирӣ танҳо ҳангоми пайдо шудани ҳолатҳои нав, ки зарурати татбиқи ба ҳабс гирифтани шахсро ба миён меоваранд, такроран ба суд бо дархост муроҷиат кардан мумкин аст, *ки бо тартиби дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда баррасӣ мешавад*»;

Дар қисми 4 м.124 КМҶ ҶТ муқаррар шавад, ки «…судя шикоятро асоснок эътироф намуда, дар бораи қонеъ намудани шикоят ва бекор кардани қарор ё ин ки беқаноат мондани шикоят қарор мебарорад, ки нусхаи он ба шахси шикоятоварда супорида мешавад……»

Таклифу пешниҳодҳои муаллиф, ки бо таҳлили ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд мазмуну моҳияти принсипи конституцсионии ҳифзи судиро пурра карда, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судиро бо мақсади таъмини адолати судӣ ва воқеан таҳти ҳимояи давлат қарор доштан, инчунин бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҷассум мекунад.

Боби чорум ба «**Масоили мубрами амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ**» бахшида шуда**,** дар зербоби аввал «**Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ**» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф мавқеъ ва имкониятҳои мурофиавии тарафи айбдоркунанда ва ҳимояро дар раванди исбот дар марҳилаҳои судӣ ва тосудӣ (то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ) муҳокима карда, ба хулоса омадааст, ки фаҳмиши ҳадди имконпазири баробарии мурофиавии тарафҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд алоқаманд ва мутобиқ дониста шаванд. Муаллиф баъзе аз маҳдудиятҳои мавҷударо мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро бо меъёрҳои конституцсионии адолати судӣ муайян кардааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ пешниҳодҳои худро асоснок мекунад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо на танҳо дар марҳилаҳои судӣ (маҷлиси суди марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани

ҳолатҳои нав), балки дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо бо салоҳдиди суд таъмин карда шаванд, то ба татбиқ ва риояи талаботи м.м. 19, 88 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м. 20-22, 277 КМҶ ҶТ воқеан таъмин гардад.

Асоснок шудааст, ки доираи масъалаҳое, ки дар баррасии судии онҳо тарафҳо ҳуқуқи иштирок карданро доранд танҳо бо масъалаҳои дар хонаи машвараті баррасишаванда маҳдуд нашавад (м.335 КМҶ ҶТ). Бинобар ин, баробарии тарафҳо бояд дар баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта (м.м.110, 111,112,114,116 КМҶ ҶТ); баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.**35**[2] КМҶ ҶТ); дар баррасии шикоят аз қарорҳо ва амалҳои (беамалӣ) ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м.**124** КМҶ ҶТ), баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи эътироз ё шикоят (м.410 КМҶ ҶТ) таъмин карда шавад.

Пешниҳод шудааст, ки барои сари вақт ошкор сохтан ва беэътибор донистани маълумоти ғайри қобили қабул ва риоя шудани ҳуқуқу манфиати иштирокчиёни мурофиа ба мақсад мувофиқ аст, ки сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ дорои салоҳияти бекор кардани қарорҳои ғайриқонунии муфаттиш ва таҳқиқбаранда ва ғайри қобули қабул эътироф кардани маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъовардашуда бошанд. Бинобар ин, мувофиқан бояд ба м.м. 38,41,170 КМҶ тағйирот ворид карда шаванд.

Дар сурати шикоят овардани иштирокчиёни мурофиа нисбати қарор ё аз амал (беамалии) таҳқиқбаранда, муфаттиш ё сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ё ирсол шудани пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакӣ оид ба бекор карда шудани қарори ғайриқонунии муфаттиш ё таҳқиқбаранда ё бинобар изҳор шудани норозигии муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба қарори прокурор, тибқи м.м.123, 168 КМҶ ҶТ прокурор таҳқиқбаранда, муфаттиш ё сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакиро аз тафтишот дур карда, баробари баррасии шикоят санҷиши хизматӣ гузаронад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили амалияи мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба хулоса омадааст, ки чунин шакли корбарӣ аз як тараф масъулияти сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ, муфаттиш ё таҳқиқбарандаро дар ташкили тафтиши ҷиноят баланд мебардорад, аз ҷониби дигар ба сарфаи муҳлати таҳқиқ ва

тафтиши пешакӣ, сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят, инчунин ба фаъолнокии прокурор дар баррасии масъалаҳои таъмини кафолатҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад.

Пешниҳоди муаллиф асоснок шудааст, ки ба қисми 1 м. 168 КМҶ ҶТ, ки ваколатҳои прокурорро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, бояд иловаи зерин ворид карда шавад: «дархости иштирокчиёни мурофиа, пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакиро оид ба беэътибор донистани маълумоти дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо баррасӣ мекунад ва қарори дахлдор мебарорад, ё бо ташаббуси худ, дар доираи салоҳияташ қарори дахлдор дар бораи беэътибор донистани маълумоти дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ҷамъоваришударо қабул мекунад».

Бо мақсади мутобиқ кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ба фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва бартараф намудани духура ифода шудани мафҳум, истилоҳ ва меъёрҳои мурофиавӣ, инчунин барои риояи дақиқ ва иҷрои тартиби ягона ва умумии пешбурди тосудӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки дар матни қисми 2, м.72 КМҶ ҶТ «- сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ ихтисор карда шуда, дар ҳамин қисми модда тағйироти зерин «- натиҷаи чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ворид карда шавад.

Тибқи меъёрҳои ҷорӣ дар м.6 КМҶ ҶТ ба ғайр аз иштирокчиёни мурофиа ва тарафҳо бояд ба сифати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кафилон (м. 106 КМҶ ҶТ), ҳайъати фармондеҳии қисми ҳарбӣ (м.107 КМҶ ҶТ), парасторон, васиён ё дигар шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон (м.108 КМҶ ҶТ), гаравсупоранда (шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайр аз гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда) (м.109 КМҶ ҶТ), шахсоне, ки амалиёти таҷрибавиро ҳангоми озмоиши тафтишӣ мегузаронанд (м.188 КМҶ ҶТ) пешбинӣ карда шаванд.

Пешниҳод карда шудааст, ки барои муйян кардани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст шахсоне, ки амалиёти таҷрибавиро ҳангоми озмоиши тафтишӣ мегузаронанд (м.188 КМҶ ҶТ) бояд ба сифати мутахассис ҷалб карда шаванд, шахсони бегона, ки дурустии сабти нишондодро

протоколи амали тафтиширо имзо мегузоранд (м.173 КМҶ ҶТ) ҳамчун шахсони холис эътироф шаванд.

Дар м.6 КМҶ ҶТ ба сифати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ номбар шудани иштирокчиёни зикргардида, минбаъд имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиат ва амнияти онҳо тибқи м. 12 КМҶ ҶТ таҳти ҳимояи давлат қарор дода шавад.

Дар зербоби дуюми боби чорум масъалаи «**Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ»** мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлил барои дақиқ муайян карда шудани ҳолати ҳуқуқии судшаванда, хулосаеро асоснок мекунад, ки ифодаи муқараррот дар м.263 КМҶ ҶТ ба тариқи зайл тағйир дода шавад:

“1. Судя мавҷуд набудани асосҳои барои баррасии парванда дар маҷлиси судӣ монеашавандаро муайян намуда, дар бораи таъини маҷлиси суд ва судшаванда эътироф шудани айбдоршаванда қарор мебарорад.

2. Судшаванда аз лаҳзаи қабул шудани қарор метавонад аз ҳуқуқҳое, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, истифода барад. (Дар ҳамин қисми модда ҳуқуқҳои судшаванда, ки дар қисми 6 м.47 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, оварда шуда, қисми 6 м.47 КМҶ ҶТ ихтисор карда шавад).

Судшаванда уҳдадор аст:

- бо даъвати судя, суд ба маҷлиси суд сари вақт ҳозир шавад;

- ба амрҳои қонунии судя, суд, раисикунандаи маҷлиси суд итоат намояд;

- тартиботро дар маҷлиси суд риоя кунад, ба баргузории маҷлиси судӣ монеа нашавад;

- дар тафтиши судӣ, музокираи судӣ иштирок намояд.

Қайд карда шудааст, ки тибқи м.280 КМҶ ҶТ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ тарзи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои судшаванда ба шумор намеравад, балки ин шакли истисноии мурофиаи судӣ аст, ки танҳо дар натиҷаи рафтори ғайриқонунии судшаванда ва истифода накардан ё инкор кардани ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ имконпазир аст.

Имконияти бе иштироки судшаванда моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои зерин муаллиф дастгирӣ мекунад, лекин ин мавқеъ ҷонибдории муаллифро оид ба мурофиаи ғоибона ифода накардааст:

1) ба таври хаттӣ, ихтиёран, бе дахолати беруна ё дар ҳузури ҳимоятгар ё шахсони холис рад шудани ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд

аз ҷониби судшавандае, ки нисбати у чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ шудааст;

2) дархости судшаванда (ҳимоятгари у), ки нисбати ӯ чораи пешгирии ғайриҳабсӣ амал мекунад;

3) бе натиҷа мондани чораҳои расмӣ оид ба баргардонидани судшавандае, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон қарор дорад;

4) агар судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ барои ҳамин ҷиноят айбдор ё гунаҳгор эътироф нашуда бошад;

5) судшаванда дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор дошта, аз ихтиёран ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд саркашӣ кунад;

6) агар прокурор бо фикри айбдоркунӣ дархост оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ирсол карда бошад.

Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ барои дақиқ кардани мавқеи судшаванда пешниҳод шудааст, ки дар қисми 3 м. 310 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки «...дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо аз ҷониби судшаванда бо розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида аз ҷониби суд, судя *қонеъ карда мешавад*». Чунки: а) ҳуқуқи судшаванда ба пешниҳоди дархост “бо розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида» маҳдуд шудааст; б) судшаванда ҳамчун иштирокчии мурофиаи судӣ имконият дорад мустақилона *бе розигии тарафҳо* оид ба масъалаҳои мурофиавӣ ба суд бо дархост муроҷиат намояд (м.м. 277, 306 КМҶ ҶТ). Ғайр аз ин таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки воқеан маҳдудияти мавқеи судшаванда ва ҷабрдида ҳангоми на танҳо тафтиши содакардашудаи судӣ, балки умуман мурофиаи ҷиноятӣ ҷой дорад:

а) судшаванда ва ҷабрдида нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи тафтиши содакардашудаи судӣ (м.310 КМҶ ҶТ) бароварда шудааст, бо асосҳои яктарафа ё нопурра будани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ; мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда, бе асос аз ҳуқуқи шикоят овардан маҳрум шудаанд;

б) дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо *аз ҷониби судшаванда* бо ризои айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида пешниҳод карда мешавад, ки дар ин муқаррарот имконияти ҳимоятгари у дар ҳалли ин масъала ва пешниҳоди чунин дархост пешбинӣ нашудааст;

в) дар м.461 КМҶ ҶТ мавзуи шикояти судшаванда ва ҷабрдида, ки аз амал ва ё санадҳои ғайриқонунии мақомоти

пешбурди парвандаи ҷиноятӣ зарар дидаанд *танҳо бо* ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ маҳдуд шуда, амалҳои дигари мурофиавӣ (беамалӣ) ва санадҳои дигари ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ки боиси зарари судшаванда ва ҷабрдида гаштаанд, беасос ихтисор шудааст, ки мухолифи принсипи шикоят аз тамоми амал (беамалӣ) ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ аст ва бояд бартараф карда шавад. (м.23 КМҶ ҶТ).

Инчунин муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ низ бояд пешбинӣ гардад, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии мукаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда, *рӯёнидани товони зарар кафолат дода мешавад*, ки амалишавии принсипи қонуният, ҳифзи судӣ ва ҳуқуқ ба ҳимояи судшаванда ва ҷабрдидаро таҳвият мебахшад.

Асоснок карда шудааст, ки:

1) баррасии аризаи рӯёнидани товони зарарро ба зиммаи прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судяе, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз санад ё амали онҳо ба аризадиҳанда зарар расидааст ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки қарор ё амали ғайриқонуниро тасдиқ намудааст, вогузоштан манъ карда шавад (моддаи 464 КМҶ ҶТ).

2) ба аъзои оила, хешовандони наздики айбдоршаванда ва судшаванда дар давоми тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парванда, ки ба тафтишот ва суд ёрии амалӣ расонидаанд, дар сурати зарурат инчунин баъд аз итмоми мурофиаи судӣ, дар вазъияти мавҷуд будани таҳдид ё хатар ё дар дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарордошта, андешидани чораҳои ҳимояи давлатӣ идома ё ёрии иҷтимоӣ кафолат дода шавад.

3) зарари (моддӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ) ба ҷабрдида аз ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин расонидашуда дар сурати нокифоя будани молу мулки гунаҳгорони чунин ҷиноятро содир намуда, набудани он ё ғайриимкон будани рӯёниш аз он, бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад.

Дар зербоби сеюми боби чорум масъалаи «**Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ»** таҳлил

шудааст. Таҳлили назария ва амалияи судӣ ба муаллиф имконият додааст, ки самти таҳқиқотро чунин гурӯҳбандӣ намояд:

а) мустақилияти суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ё мустақилияти расмӣ (ҳокимияти давлатӣ), ки расман дахолати мақомоти қонунбарор ва иҷроияро ба фаъолияти судҳо истисно мекунад;

б) мустақилияти мурофиавӣ, ки дар ҳалли масъалаҳо ва қабули қарори мурофиавӣ дахолати ҳама мақомотеро, ки ба низоми судӣ дохил намешавад, манъ мекунад;

в) муайян кардани ҳадду ҳудуди мустақилияти мурофиавии суд, судя новобаста аз мавқеи тарафҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ;

г) муайян кардани ҳадди муҳокимаи судии масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ.

Муаллиф мустақилияти суд ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳоро чун мустақилияти расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (судӣ) ифода карда, мазмуни таркибии онро ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ асоснок кардааст;

- *ҳадди мустақилияти мурофиавии суд, судяро* бо тартиби муқарраркардаи қонун;

- риояи шартҳои муҳокимаи судӣ, бо салоҳияти дақиқи мурофиавӣ;

- иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ дар ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ;

- таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад, ки судҳо дар фаъолияти худ қатъиян тибқи қонун амал намоянд.

Мустақилияти суд бо маҷмуи кафолатҳои мурофиавӣ таъмин мешавад, ки онҳо ба суд имконият медиҳанд бедахолат ва новобаста аз тарафҳо ба қобили қабул, дахлдорӣ, аниқ ва кофӣ дониста шудани далелҳо баҳои холисонаи ҳуқуқӣ диҳад ва дар натиҷа масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал намояд.

Асоснок карда шудааст, ки «дарки ҳуқуқӣ» ҳамчун таҳкурсии «ақидаи ботинӣ» ҷузъи фарҳанги ҳуқуқӣ - сатҳи шуурнокии ҳуқуқии (фардии) шахс, яъне низоми дониш, тасаввурот, ақида, андеша, муқаррарот, эҳсосотро дар бар мегирад, ки воқеияти ҳуқуқиро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, мазмун ва мавриди амалии татбиқи меъёри ҳуқуқиро дар шакли дониши ҳуқуқӣ ифода мекунад, ки дар раванди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мустақилияти судяро таъмин мекунад. Унсури муҳимми дарки ҳуқуқиро арзишҳое ташкил

мекунанд, ки меҳвари онҳо *адолат (адл)* буда, ақидаи (боварӣ) ботинии шахсро ташаккул медиҳанд, самти рафтор ва хулосабарории мантиқиро дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи меъёри ҳуқуқӣ баҳри таъмини адолат муайян мекунанд, ё бо ибораи дигар шахсро ба мувофиқан амал қардан ва хулоса баровардан (қарор қабул кардан) водор месозанд.

Қайд мешавад, ки ҳадди муҳокимаи судӣ, бояд бо мавзуи муҳокимаи судӣ мувофиқат намуда, ҳалли тамоми масъалаҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, инчунин бо доираи амал ва ваколатҳои суд дар ҳалли ин масъалаҳо муайян карда шавад.

Муаллиф ақидаи олимон ва меъёрҳои мурофиавии ҷориро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки суд мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ нест, суд функсияи айбдоркунӣ ё таъқиби ҷиноятиро иҷро намекунад.

Асоснок карда шудааст, ки салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҷонибдории тарафро ифода намекунад. Судя, суд бо ташаббуси худ ҷой доштани аломати ҷиноятро дар кирдори содиршуда бо ҷамъоварии далелҳо муайян намекунад, чунки судя, суд *ба далелҳои ба суд пешниҳодшуда* мустақилона баҳои ҳуқуқӣ дода, новобаста аз мавқеи тарафҳо хулоса мебарорад. Суд масъалаи қаблан аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тибқи қонун ҳал нагардидаро дар асоси далелҳои ба суд пешниҳодшуда мустақилона дар доираи салоҳияти худ ҳал мекунад. Суд, судя бо қарори худ дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ шахсро айбдор намекунад, айби шахсро исбот намекунад ё ба у айб эълон намекунад, балки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҷой доштани вайронкунии қонун ё аломати ҷиноятро дар асоси далелҳои ба суд пешниҳодшуда мустақилона муайян мекунад.

Барқарор шудани салоҳияти оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки вайронкунии қонунҳо ҳангоми тафтишоти пешакӣ ё таҳқиқ ҷойдошта, маҳдудкуниҳои беасос ва ғайриқонунии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ саривақт бо далелҳои пешниҳодшуда аз ҷониби суд мустақилона ошкор ва бартараф карда шаванд, то ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд воқеан ҳимоя карда шавад ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ роҳ дода нашавад.

Муаллиф асоснок мекунад, ки талабот нисбати қонунӣ эътироф шудани ҳукм бояд дар шакли нисбатан васеъ «Ҳукм

ҳангоме қонунӣ эътироф карда мешавад, ки он бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси онҳо бароварда шуда, амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд» пешбинӣ гардад, ки дар натиҷа:

а) тафсири гуногун ва яктарафаи ин меъёрро бартараф мекунад;

б) фаҳмиши қонунӣ эътироф шудани ҳукм бо тафсири риояи танҳо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва татбиқи танҳо қонуни ҷиноятӣ хотима намеёбад;

в) амалишавии принсипи конституцсионии қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ таҳвият мебахшад.

Асоснок шудааст, ки ба матни қ. 1 м. 287 КМҶ ҶТ мазмуни зайл илова карда шавад: «Агар дар ҷараёни муҳокимаи суд ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир аст, суд, судя метавонад бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад». Ин муқаррарот аз нуқтаи назари муаллиф:

а) ба амалӣ гаштани талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва мубоҳиса пурра мувофиқат мекунад;

б) майли ё ҷонибдории айбдоркунии судро истисно мекунад;

в) масъулияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро то оғози муҳокимаи судӣ баланд мебардорад;

г) ҳадди ваколатҳои суд ва муҳокимаи судиро мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолати ҳифзи судӣ дақиқ мекунад.

Дар зербоби чоруми боби чорум «**Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ**» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки воқеияти кунунӣ, таъмини амният ва пешгирии хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, муқовимат ба ҷиноятқорӣ масъулияти баланди кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва судиро талаб мекунад.

Дар натиҷаи таҳлил муайян шудааст, ки тибқи м.35 (2) КМҶ ҶТ иштирокчиёни мурофиа аз болои қарори судя дар бораи додани иҷозат барои гузаронидани амали тафтишӣ ё дар бораи рад кардани гузаронидани он ба суди болоӣ ҳуқуқи шикоят карданро доранд, лекин дар ин меъёр имконияти иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, инчунин ҳатман супорида шудани нусхаи қарори судя ба онҳо пешбинӣ намешавад, то ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа амалӣ гардад.

Барои бартараф карда шудани маҳдудиятҳои дар сатҳи меъёрӣ ҷойдошта пешниҳоди муаллиф асоснок шудааст, ки:

- қисмҳои 3-5 м.35 (2) КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«3. Дар маҷлиси судӣ иштироки прокурор ҳатмист. Ҳангоми зарурат судя метавонад бо ташаббуси худ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва шахсони манфиатдорро ба маҷлиси судӣ даъват ё аз вақти баргузории он хабардор намояд.

4. Қарори суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор супорида мешавад.

5. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш судя дар бораи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будани бе иҷозати суд гузаронида шудани амали тафтишӣ қарори асоснок бароварда, нусхаи онро ба прокурор, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор ирсол менамояд».

Барои бартараф шудани мухолифати меъёрҳои мурофиавӣ пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1 м.268 КМҶ ҶТ нишон дода шавад:

«Судя дар бораи қатъ намудани парванда қарор бароварда, масъалаи бекор кардани чораи пешгирӣ, чораҳои таъмини даъвои граждани, иҷрои ҷазо ва эҳтимоли мусодираи молу мулк ва масъалаи далелҳои шайъиро ҳал мекунад».

Муаллиф қайд мекунад, ки дар амал татбиқ шудани хулосаҳои зерини таҳқиқоти илмӣ на танҳо доираи салоҳияти судро дақиқ мекунанд, балки иҷрои якхелаи амалҳои судя ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мутобиқ гашта, беасос маҳдуд карда шудани имкониятҳои иштироки шахсони манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бартараф ва пешгирӣ мешавад, ки воқеан амалӣ гаштани кафолатҳои конституцсиониро таъмин мекунанд;

- Дар м.292 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки агар судшаванда аз толори маҷлиси суд берун карда шуда бошад, иштироки вай бояд дар музокираи суд таъмин карда шавад.

- Аз матни қисми 4 м.362 КМҶ ҶТ муқаррароти «……Зимнан дар эътирози иловагии прокурор ё дар шикояти шахс дар бораи тағйир додани шикоят, ҳамчунин дар шикояти иловагии ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндагони онҳо, ки пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътироз ба ҳукм пешниҳод шудааст, дар бораи бад кардани вазъи маҳкумшуда, ба шарте, ки чунин талаб дар шикоят ё эътирози пештар овардашуда ҷой надошта бошад, масъала гузоштан мумкин нест» ихтисор

карда шавад, ки ин қоида мутобиқи кафолатҳои конституцсионии адолати судӣ нест.

- Дар м.384 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки ҳангоми таъини экспертизаи судӣ аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа, ки дар м.210 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, риоя карда шавад.

- Тибқи м.м.368, 410 КМҶ ҶТ масъалаи даъват ва иштироки маҳкумшуда дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ба салоҳияти суд вогузор шудааст, ки ба принсипҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мутобиқ нест. Бинобар ин, дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ иштироки маҳкумшуда ва ё ҳимоятгари ӯ, бояд таъмин карда шавад.

Боби панҷум ба таҳлили **«Муаммои назария ва амалияи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ»** бахшида шуда, се зербобро фаро гирифтааст.

Зербоби якуми боби панҷум таҳлили масъалаҳои **«Бозгоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ»** - ро дарбар гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф пешниҳоди худро асоснок кардааст, ки бо мақсади таъмини ягонагии мазмуни моддаҳои 92,111 КМҶ ҶТ, бартараф кардани нофаҳмӣ ва пешгирӣ кардани вайронкунии қонун дар матни сархати 3, қисми 5, м.111 КМҶ ҶТ бояд калимаи «рӯзу» ихтисор карда шуда, ҳамин сархат бо мазмуни зерин ифода шавад: «- дар бораи ба таъхир гузоштани қабули қарори дархостро ба муҳлати на зиёда аз 72 соат, нисбати ноболиғон ба муҳлати на зиёда аз 48 соат, барои пешниҳоди далелҳои асосноки дастгиркунӣ. Дар ин маврид судя дар қарор муқаррар менамояд, ки муҳлати дастгиркуниро то чанд соат дароз мекунад, агар муҳлати дар қисми 3 м.92 КМҶ ҶТ муқарраршуда нагузашта бошад»;

- дар қисми 1 м.286 КМҶ ҶТ давомнокии муҳлати мавқуфгузории муҳокимаи судӣ, бинобар ба маҷлиси суд ҳозир нашудани яке аз шахсони даъватшуда,на танҳо ҳимоятгари судшаванда (балки тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ) ё бо дархости тарафҳо ё зарурати талаб карда гирифтани далелҳои нав ба миён ояд, мутобиқан на кам аз панҷ шабонаруз муқаррар карда шавад;

- дар матни м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда муҳлате, ки парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолати бозгошташуда қарор мегирад, мутобиқи м.75 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад;

- зарари ба ҷабрдида аз ҷиноятҳои махсусан вазнин расонидашуда дар сурати бозгоштани пешбурди парвандаи

ҷиноятӣ ё қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ, бинобар гузаштани муҳлати дар м.75 КҶ ҶТ пешбинишуда бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак ба онҳо, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад.

Бо назардошти амалияи судӣ асоснок карда мешавад, ки дар ҳолатҳои бо қарори судя ё таъиноти суд боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ (м.м. 265,286 КМҶ ҶТ) *муҳлати ниҳоӣ ва имконияти дароз кардани давомнокии муҳлати* ичрои чораҳое, ки барои бартараф кардани ҳолатҳои ба муҳокимаи судӣ монеашаванда муҳимманд, муайян карда шавад. Ин пешниҳод имконият медиҳад, ки:

а) ҳолате, ки боиси боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гаштааст, саривақт бартараф карда шавад;

б) барои бартараф шудани ҳолатҳое, ки ба баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудааст, назорат ҷорӣ шуда, ҷорӣ шудани муҳлат низ таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор мегирад;

в) фаъолияти муассисаи тиббӣ, ки муолиҷаро ба зимма гирифтааст, таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад;

г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида дар ин муддат чораҳои амалӣ андешида мешавад;

д) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда ва судшаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо боздошта шудааст, пешгирӣ карда мешавад.

Барои баратараф карда шудани маҳдудиятҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ пешниҳод шудааст, ки дар сурати то таъини муҳокимаи судӣ аз ҷониби судя баррасӣ шудани масъалаҳои интихоб, тағйир додан ва бекор кардани чораҳои пешгирӣ (ки ҳуқуқу озодии шахсро муваққатан ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд), инчунин андешидани чораҳо (дар намуди ҳабси молу мулк) ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст, иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, ситонидани дигар пардохтҳои молумулкӣ ва эҳтимоли мусодираи молу мулк иштироки тарафҳо дар муҳокимаи ин масъалаҳо таъмин карда шавад. Асоснок шудааст, ки дар матни қисми 3 м.286 КМҶ ҶТ муқаррароти «....Кофтукови судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти (қарори) суд эълон карда мешавад» бо таҳрири зерин: «.... Ҷустуҷуи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти суд ё қарори судя эълон карда мешавад» пешбинӣ гардад.

Бо таҳлил ва хулосаҳо муаллиф асоснок кардааст, ки дар м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи бозҳоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор аст, ки дар ҳамин қарор бекор карда шудан ё дароз карда шудани муҳлати ҳабси молу мулк, тақдири далелҳои шайъӣ ва имконияти ба манфиати ҷабрдида руёнидани товони зарарро аз ҳисоби фондҳои махсуси иҷтимоӣ инъикос намоянд.

Дар зербоби дуюми боби панҷум тартиби **«Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ»** мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қоидаҳои аз ҷониби судя ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор дода, бо назардошти амалияи судӣ ба хулоса омадааст, ки дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба вайронкунии «ҷиддӣ» ва ё «ҷиддӣ нестанд» ҷудо кардан мутобиқи вазифа, принсип, таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нест. Дар амалия ва назария чунин муқаррарот ихтилофи меъёрҳои амалкунанда (м.9 КМҶ ҶТ) ва шарҳу эзоҳи пурихтилоф ва гуногуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро ба миён меорад, ки татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад.

Носаҳеҳ ё дар ихтилоф бо мазмуни меъёрҳои дигар ифода ёфтани матн ва мазмуни меъёри мурофиавӣ ба фаҳмиши маҳдуди қоидаҳои мурофиавӣ, ба маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва дар ниҳоят барои татбиқи нодурусти меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ оварда мерасонад.

Вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро «ҷиддӣ» ифода кардан; дар доираи маҳдуд бо вайронкунии меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла бо яктарафагӣ ва нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бо маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бо таъмин нашудани кафолатҳои мурофиавӣ, бо баргузор нашудани амалҳои тафтишӣ, бо мавзуи исбот, бо риоя накардани принсипҳо ва расмияти пешбурди судӣ вобаста кардан, ба хулосаи нодуруст ва ғалат оварда мерасонад. Чунки, вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ риоя ва иҷро нашудани тамоми меъёрҳои мурофиавии ҷиноятии амалкунандаро дар бар мегирад ва он набояд мавзуи вайронкунии қонунгузорӣ бо номбар кардани вайронкунии меъёрҳои алоҳидаи қонун хотима ёбад.

Бинобар ин, баҳри бартараф кардани ихтилофҳои ҷойдошта пешниҳод шудааст, ки дар қисми 1 м.264 КМҶ ҶТ асосҳои ба

тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то баргузории муҳокимаи судӣ бо мазмуни зайл пешбинӣ гардад:

«Дар ҳолати ошкор шудани вайронкунии талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки бартараф карда шудани онҳо ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст, судя ҳуқуқ дорад парвандаро бо дархости тарафҳо барои тафтиши иловагӣ баргардонад, ки дар ин сурат муҳлати тафтиши иловагӣ аз 30 шабонарӯз зиёд шуда наметавонад».

Муаллиф исбот мекунад, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нопурра эътироф карда мешавад, агар:

1. Ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бо далелҳо муайян нашуда бошанд. (Доираи ҳолатҳоеро, ки бояд исбот шаванд м.м.85,90,425,439 КМҶ ҶТ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд м.м. 27, 85, 90, 92, 102, 230, 234 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад);

2. Далелҳои ҷамъовардашуда қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ набошанд (м.м.88, 88(1) КМҶ ҶТ;

3. Амалҳои тафтишӣ, ки қонун номбар кардааст, гузаронида нашудаанд ё тартиби иҷрои онҳо вайрон карда шуда бошад (м.м.182-220 КМҶ ҶТ;

4. Бе асосҳои кофӣ ва воқеӣ (исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) қарорҳои мурофиавӣ қабул шуда бошанд. Аз ин лиҳоз, зарурати тағйир дода шудани сархати 1 қисми 2 м.373 КМҶ ҶТ асоснок карда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби панҷум **«Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ»** таҳлил гашта, нуқтаи назари муаллиф оид ба мазмуни истилоҳоти «шакли мурофиавӣ», «талаботи мурофиавӣ», «ифодаи кафолати мурофиавӣ», «тартиби расмии мурофиавӣ» баён шудаанд. Муаллиф хулосаҳои асоснокро пешбарӣ мекунад, ки тибқи онҳо расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст. Иҷрои тамоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, таҳия ва қабули тамоми санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадафу вазифаҳои умумӣ ва ягона доранд. Санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ раванди иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ ва қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро инъикос мекунанд. Санадҳои мурофиавии судӣ ифодакунандаи хулосаҳои расмии суд оид ба ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар шакли

муқарраркардаи қонун тартиб дода шуда, ҷараён, мазмун ва натиҷаи амалҳои судӣ, инчунин хулосаи судро оид ба ҳалли ниҳоӣ ва расмии масъалаҳои мурофиавӣ ифода мекунанд.

Асоснок мешавад, ки ҳалли ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ, ғайр аз талаботи қонунӣ, асоснокӣ, бояд *мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ* одилона бошанд, ва дар санади мурофиавии ҷиноятӣ қайд гарданд. Аз ин рӯ, дар қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки «Қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошанд».

Тибқи хулосаҳои асосноки муаллиф, ҳадди муҳокимаи судӣ набояд бо муҳокимаи айбе, ки ба шахс бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст (м.м.221-225, 285 КМҶ ҶТ), маҳдуд карда шавад. Ҳадди муҳокимаи судиро пурра, ҳаматарафа ва холисона исбот шудани тамоми ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли қонунии ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ташкил диҳад, ки дар санадҳои мурофиавӣ инъикос шудаанд. Бинобар ин, расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ва ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст.

Натиҷаи пешбурди тафтишот ва баррасии одилонаи парвандаи ҷиноятӣ, ки дар санади мурофиавӣ қайду мустаҳкам мешавад ба ҳам мувофиқ будани хулосаи тафтишот, суд ва воқеияти ҳодисаи рухдодаро ифода карда, мазмуни санадҳои мурофиавии омодашуда аз дараҷаи дурусту саҳеҳ дарк шудани ҳолатҳои содир шудани он, аз сатҳи дониши ҳуқуқии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя, аз сатҳу сифати иҷрои қоидаҳои мурофиавӣ вобаста аст. Ин масъалаҳо ба андешаи муаллиф, бояд бо таҳияи тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбанд.

Дар натиҷаи таҳлили ин масъалаҳо пешниҳоди муаллиф асоснок карда шудааст, ки дар қисми 2 моддаи 290 КМҶ ҶТ илова пешбинӣ карда шавад, ки «ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ судя ё суд ҳолатҳоеро, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, муқаррар намуда, вазифадор аст, ки ба ташкилот, муассисаи дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ё шахси мансабдори дахлдор дар бораи андешидани чораҳо барои рафъи ин ҳолатҳо ё дигар қонуншиканиҳо таъинот ё қарори хусусӣ ирсол намоянд. Таъинот ё қарори хусусӣ бояд дар муддати

як моҳ баррасӣ карда, аз натиҷаи чораҳои андешидашуда ҳатман ба суд хабар дода шавад»;

Ба моддаи 343 КМҶ ҶТ илова карда шавад, ки «....Суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд баёни кирдори ҷиноятӣ, ки онро исботшуда эътироф кардаанд, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад ва оқибатҳои ҷиноят инъикос намояд. Агар ҷиноят аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, дар ҳукм бояд аниқ дарҷ ёбад, ки ҳар яке аз шарикони ҷиноят маҳз кадом ҳаракатҳои ҷиноятиро содир намудаанд, ки боиси оқибат гаштааст;

Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст оварда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва тавсияҳои мазмуни илмӣ ва амалидошта ҷамъбаст карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вазъи кунунии риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, рушди назариявии он дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи амалияи татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли хулосаҳои муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок шуданд, самтҳои минбаъдаи таҳқиқотҳои илмиро дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда, ба такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, ба татбиқи самараноки онҳо дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии судяҳо, умуман баҳри ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар асоси таҳлили фарогири консепсияҳои назариявии муосир ва проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби суд дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ гузаронида шудааст, ки ин имкон медиҳад, Консепсияи рушди амалигардонии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ коркард ва пешниҳод карда шавад. Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳои илмии дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ, назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ғанӣ

гашта, самтҳои дурнамои рушди мурофиаи судии ҷиноятии ватанӣ дар шароити муосир ҳал карда шуданд.

Дар диссертатсия муқаррароти бунёдии доктриналӣ таҳия шудааст, ки маҷмуи онҳо ба ҳалли маҷмуи масъалаҳои марбут ба такмил додани қоидаҳои риоя ва иҷрои дақиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳам дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ баҳри ноил шудан ба адолати судӣ нигаронида шудааст ва метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шавад. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавқеи муттасилии муқаррароти бунёдии илми мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин коркарди маводи муқоисавии ҳуқуқӣ пурра мувофиқат мекунад.

Хулоса

Хулосаи пешниҳодшуда ҷамъбасти таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки моҳияти он чунин аст:

1. Пешниҳоди афкори илмӣ оид ба таҳкими асосҳои назариявӣ, методологии илмии мурофиаи ҷиноятӣ ва ташаккулёбии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ:

1.1. Аввалин падидаҳои мурофиа дар шакли урфу одат, расму ойин, ё қоидаҳои одитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон, қонеъ кардани талабот, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз бартараф кардани бесарусомонӣ ва худсарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя»-и расму оин ва урфу одатҳо дар низоми муносибатҳо ҷорӣ шуда, аз насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд.Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмӣ дошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои инсон оид ба ногузир барпо карда шудани муҳити ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоӣ) буда, таъиноти худро мутобиқан ба табиати аслии худ пайдо кардааст.Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзоёни авлод ё қабила бошад, сипас баробари авҷи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

1.2.Таҳқиқоти манбаъҳои ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиаи судӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ чунин давраҳоро аз сар гузаронидааст:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) қоидаҳои давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ;

3) қоидаҳои давраи рушди мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир **[16-М].**

1.3. Қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амалкарди қоидаҳои мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштаанд, ки бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолат ва шартҳои муҳокимаи судӣ такмил дода шуда, мазмуну муҳтавои нав гирифтаанд. Аз ҷумла бо қоидаҳои зерин ғанӣ гаштаанд:

а) шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

б) ҳуқуқ ба шикоят ва арзу даъво доштани шахс;

в) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, ниёзманд, зарардида;

г) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

д) қоидаҳои дастаҷамъона ва шифоҳӣ баррасӣ шудани арзу даъво;

е) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

ё) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ ва имконияти созиши тарафҳо;

ж) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

з) ӯҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

и) одилона таъин кардани ҷазо;

к) кӯшиши оқилона, воқеабинона муайян кардани товони зарар;

л) ҷорӣ шудани харочоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

м) таъмини мустақилият ва беғаразии суд дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.

2. Пешниҳодҳои назариявии илмӣ ҷиҳати таҳвияти асосҳо ва мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар илми мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

2.1.Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тавассути таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ибтидо то интиҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ онҳо вобаста: а) бо амалишавӣ дар марҳалаҳои ҷудогонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ; б) бо мавзуи муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ; в) бо амалишавии функсияи айбдоркунӣ; г) бо амалишавии таъиноти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар натиҷа аҳаммият, мазмун ва умумияти ҳар як шарт муайян карда шудааст **[16-М].**

2.2. Муҳокимаи ошкорои муҳокимаи судӣ (м.273 КМҶ ҶТ) мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки аҳли ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад **[15-М].**

2.3. «Муҳокимаи бевосита» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, танҳо бо тафтиши бевоситаи далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад:

- пешбурди амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайра бевосита иҷро мешаванд (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо бевосита санҷида бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ баҳои ҳуқуқӣ медиҳад (м.м.21, 311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22, 276-277 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунад, (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (м.м. 290, 332-350 КМҶ ҶТ) **[18-М].**

3. Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати ғанӣ гардонидани мазмуни истилоҳоти меъёрӣ ва қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ:

3.1.Мафҳуми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (на танҳо ҷамъи қоидаҳо) ифодаи ҷузъи ҷудонопазири масъулияти давлат ҷиҳати таъмини кафолати расмӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гашта, дар ҷараёни ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муҳокима ва баррасии судиро таҳозо менамоянд, амал мекунанд. Онҳо моҳияти расмию ҳуқуқии муҳокимаи судиро ифода карда, ба татбиқи меъёрҳои ҷорӣ ва амалӣ гаштани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароит барпо менамоянд.

Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷинояти таъмин мекунанд. Бо ин хусусиятҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъиноти худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, барпо кардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ **[16-М].**

3.2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни

мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ шароит муҳайё мекунанд. Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои ҳатмии мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

3.3.Тавассути танзими муносибати иштирокчиёни мурофиавии судии ҷиноятӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатӣ ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шудааст, ки зарурати таъсиррасонии он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, уҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешаванд, тағйир меёбанд, қатъ мешаванд ва ё хотима меёбанд.

Аз ин рӯ, таъиноти хос мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мешаванд:

- ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;
- амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;
- мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё мекунанд;
- ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

4. Хулоса ва пешниҳод ҷиҳати таъмини кафолатҳои мурофиавӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ:

4.1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ пеш аз ҳама шароиту муҳити муносиб барпо мекунанд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашавад, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар

маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳалаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд **[19-М].**

